ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 07:34+17 (575.3) (76.12:67+87.7 (2 Тоҷик))

**РАҲИМҶОН ХУШДИЛ**

# ТАШАККУЛИ МЕЪЁРҲОИ ЭТИКИВУ ҲУҚУҚӢ ДАР ЖУРНАЛИСТИКАИ ТОҶИК (ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** **Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Афсаҳзод Аббоси Аълохон –** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

**Саидмурод Хоҷазод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги факултети гуманитарию педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлати фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»**

Ҳимояи диссертатсия «4» ноябри соли 2026, соати 13:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, толорои шуроҳои диссертатсионӣ; E-mail: zbsh@list.ru; телефон: (+992) 907-307-035) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва тавассути сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___» ___________ соли 2026 фиристода шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илми филология** **Зоириён Б.Ш.**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМВАОМТ – Ассосиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон
Би-Би-Си (ВВС) – Корпоратсияи телевизионии Британия (British Broadcasting Corporation)
ВАО – Воситаҳои ахбори омма
ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ
ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
ИҶШС (СССР) – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотисалистӣ (Союз Советских Социалистических Республик)
КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ОИТ – Оҷонсии иттилоотию таҳлилӣ
ТИК – технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

Дар кори диссертатсионӣ вазъи ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик дар замони Истиқлол мавриди таҳқиқ шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мақоми ахлоқ дар ҳаёти инсон ниҳоят муҳим аст, зеро он ҳамчун яке аз аслҳои зиндагӣ шинохта мешавад; агар ҳастии инсон ду рукни аслӣ дорад – яке моддӣ ва дигаре маънавӣ, пас ахлоқ дар меҳвари ҳастии маънавии инсон қарор гирифта, ба ин ҳастӣ маънӣ мебахшад. Ҳамин аст, ки масъалаи хушахлоқӣ ва маҳкум намудани хулқу рафтори бад ҳамчун яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҳастӣ дар тамоми давраҳои ташаккули инсоният ҳамеша вуҷуд дошта, мавриди баррасӣ қарор дошт, ки нишони зарурату муҳиммияти он аст.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, дар асри иттилоот, ки нақши воситаҳои ахбори оммаро боло бурдааст, дар ҳоле ки имкониятҳои нави дастрасӣ ба иттилоъ ба вуҷуд омадаанд, дар замоне, ки иттилоот ягон марзро намешиносад, воситаҳои ахбор ҳамчун неруи пуриқтидор барои амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикӣ истифода шуда истодаанд ва ҳар замон имкони сар задани таркиши иттилоотӣ ҳаст, масъалаи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ чун масъалаи мубрам эҳсос мегардад. Шароити иқтисоди бозорӣ, моликияти шахсиятҳои алоҳида гардидани идораҳои воситаҳои ахбори омма мазмун ва моҳияти рисолати аслии воситаҳои ахборро зери суол бурдааст. Бо мавриди баррасӣ қарор гирифтан чунин мушкилот ва оқибатҳои он дар фаъолияти минбаъдаи кормандони эҷодии ВАО бозгӯ мешавад.

Дар шароити ҷомеаи демократӣ, ки дар он созмон додани давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ аз ҳадафҳои муҳимтарин ба шумор меравад, масъалаи муносибат бо унсурҳои демократия – озодии сухан ва гуногунандешӣ ба миён меояд. Масъулияти озодии сухан барои сӯиистифода нагардидани он муҳиммияти меъёрҳои ахлоқи касбиро собит менамояд.

Ҷомеашиносон ҳам ба ин масъала таваҷҷуҳ карда, таъкид намудаанд, ки яке аз дастовардҳои бузурги мо дар шароити муосири тезутунди ҷаҳонишавӣ нигоҳ доштани сарчашмаҳои ахлоқии худ буд, ки онҳо ҳамчун бунёди идеологияи давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ба мо хидмат доранд. Аз ин рӯ, ба назари ҷомеашиносон, рӯй овардани миллати тоҷик ба арзишҳои анъанавию ахлоқии худ ақибмондагӣ ва маҳдудияти халқи тоҷик набуда, балки заминаи усулие мебошад, ки тавассути он метавон дар шароити тағйирпазирии ҷаҳони муосир боқӣ монда, хатарҳои ҷиддиро бартараф сохт. Ҳамин аст, ки бо такя ба

таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳамқадамӣ бо ҷомеаи демократӣ дар кишвари мо низ кӯшишҳои худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма арзи ҳастӣ карда, ба натиҷаҳои назаррас даст ёфтаанд. Ин раванд ҳам дар илми журналистикаи муосир арзиши баррасӣ ва таҳқиқро дорад.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ низ аз масоиле ҳастанд, ки дар шароити имрӯзаи фаъолияти ВАО хеле муҳим мебошанд. Таҳқиқи ташаккули ин масоил аз масъалаҳои муҳимми журналистикаи муосир аст, зеро ба вуҷуд омадани низоми комилан нав раванди муносибат бо фаъолияти расонаҳоро низ ба куллӣ дигаргун сохт; агар дар низоми қаблӣ масъалаҳои ҳуқуқӣ дар журналистика чандон мақоме надоштанд, дар низоми нав ин масъала ба яке аз муҳимтарин паҳлуҳои фаъолияти рӯзноманигорон табдил ёфт.

Ҳарчанд аз нигоҳи аввал ин масъала ҷанбаи ҳуқуқӣ дорад, аммо таваҷҷуҳи бештар ба он мавқеъ меорад, ки дар муҳити эҷодӣ ва илмии рӯзноманигории тоҷик ба меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ аз дидгоҳи гуногун муносибат мешавад, ки нақш доштани рӯзноманигорон дар ташаккули чунин аснод яке аз онҳост. Масъалаҳои баҳсноки миёни рӯзноманигорон бо мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида, ки дар доираи гуфтушунидҳо ҳал нагардида, доманаи баҳсҳо то толорҳои суд кашида шудаанд, аз ҷанбаҳое ҳастанд, ки дар ВАО ҳам васеъ инъикос ёфтаанд. Зарурати баррасии ин ҷиҳат низ ҳаст.

Масъалаи муҳими дигар алоқамандии меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ мебошад, ки таҳқиқ мехоҳад. Таносуби меъёрҳои ахлоқӣ бо ҳуқуқӣ низ ҳарчанд падидаи нав нест, аммо аз нигоҳи муносибатҳои муосир мафҳуми тахассусии зуҳуроти деонтологӣ дар журналистика нав мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар мубориза иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд, зеро тавре ки аз мазмун ва моҳияти қонунгузории мамлакат оид ба ВАО бармеояд, таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо мебошад».

Ба назари мо, иҷрои ин вазифаҳои муҳим ба муносибати воқеӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ алоқаманд аст, аз ин рӯ, ин ҷиҳат низ мубрам будани мавзуъро собит менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиёт нишон медиҳад, ки мавзуи мазкур дар журналистикаи тоҷик ҳамчун объекти таҳқиқот нав аст, вале чун яке аз ҷузъҳои муҳими

фаъолияти журналистӣ дар асарҳо ва мақолаҳои муҳаққиқони соҳа ба таври мушаххас баррасӣ гардидааст. Дар журналистикаи рус ин мавзуъ то андозае таҳқиқ гардидааст ва чанд тадқиқоти илмӣ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, муҳаққиқони рус Е.П. Прохоров, В.В. Ворошилов, С.Г. Корконосенко, ки барои устувории назарияи журналистика тадқиқот бурдаанд, дар асарҳои худ ба таври умумӣ этикаи касбиро ҳамчун қисми таркибӣ ва муҳими фаъолияти журналистӣ шарҳ додаанд ва олимон Р.Г. Бухарсев, В.А. Казакова, В.М. Теплюк, Д.С. Авраамов, Г.В. Лазутина, С.А. Муратов, М.И. Шостак дар таҳқиқҳои худ моҳияти илмии этикаи касбии журналистро муайян кардаанд.

Мавзуи мавриди пажуҳиш яке аз масъалаҳои актуалии журналистикаи ҷаҳонӣ мебошад. Нахустин маротиба мафҳуми «ахлоқи журналистӣ»-ро соли 1889 муҳаққиқи амрикоӣ Уилям Самуэл Лилли дар як мақолаи илмии худ истифода кардааст, ки муҳаққиқ Дикен-Гарсиа онро оғози гузариш ба стандартҳои нави журналистӣ шуморидааст [68, с. 226].

Баъдан солҳои 20-уми асри XX дар журналистикаи Амрико асарҳои назариявӣ доир ба этикаи касбии журналист ба вуҷуд омаданд, ки инҳо «Этикаи журналистӣ»-и Н.Коуфорд, «Этикаи кор дар рӯзнома»-и В.Гиббонс, «Виҷдон дар рӯзномаҳо»-и Л.Флинт мебошанд. Ин таҳқиқотчиён тақрибан андешаҳои яксонро ироа дошта, асосан ба масъалаҳои этикии муносибат бо сарчашмаҳои иттилоъ, амнияти миллӣ, озодии сухан, ҳалли мухолифатҳо, дақиқии маълумот, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва монанди инҳо таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин миён ақидаҳои В.Гиббонс ҷолиб аст, ки ҳарчанд ғояи матбуоти озод ва пешниҳоди бешарҳу эзоҳи далелҳои бешуморро талқин мекунад, инчунин, моҳиятан мазмуни назарияи масъулияти иҷтимоиро баён намудааст [68, с. 227].

Асари муҳиму бунёдӣ пас аз ин давра «Чор назарияи матбуот»-и Ф.Сиберт, В.Шрамм ва Т.Питерсон (соли 1956) мебошад, ки пас аз хулосаи комиссияи Хатчинс ва эътирофи назарияи масъулияти иҷтимоӣ (назарияи мазкур ба назари муҳаққиқ Э. Ламбет, муҳимтарин санад барои ВАО дар асри XX) эҷод шудааст.

Ҷон Меррил соли 1974 асари «Озодиҳои ҳатмӣ»-ро таълиф намуда, озодихоҳиро тарғиб ва як андоза аз назарияи либертианӣ тарафдорӣ намудааст, вале соли 1989 дар «Диалектикаи журналистика» ӯ ба хулосае омад, ки озодӣ ва масъулият ба ҳам тавъаманд ва зарур аст, ки истифодаи муътадил ва огоҳона аз озодии журналистӣ сурат гирад.

Муҳаққиқон Р. Каплар ва П. Мэйнс принсипҳои озодӣ ҳангоми ҷамъоварии маълумот ва муносибати шубҳакорона нисбат ба кори ҳукуматдоронро аз назарияи либералии классикӣ этироф кардаанд.

Дар охири асри XX олими шведӣ Ленарт Вейбулл ва муҳаққиқи франсуз Клод Жан Бертран аз муҳаққиқони барҷастаи самти этикаи журналистӣ низ масъалаи масъулиятшиносии журналистонро аввалиндараҷа донистаанд [68, с. 228].

Ба назари пажуҳишгар А.Уайт, эҷоди кодексҳои нави ахлоқии ВАО як қисми раванди баланд бардоштани маҳорати касбӣ мебошад. Муҳаққиқ Д. Томас чунин андеша дорад, ки такмили механизмҳои худтанзимкунии ВАО дар ҳоле сурат мегирад, ки рӯзноманигорон, аз як тараф, мехоҳанд аз маҳдудиятҳои қонунӣ канорагирӣ кунанд ва аз тарафи дигар, сатҳи касбияти худро баланд бардоранд. Ба назари муҳаққиқ Д. МакКвэйл, таваҷҷуҳи хос ба принсипҳои ахлоқии журналистика аксар вақт дар шароити буҳронӣ ва гардиши таърихии ҷомеа ё таҳаввулоти бузург дар соҳаи ВАО ба вуҷуд меояд [68, с. 229].

Дар журналистикаи тоҷик низ мавзуи этикаи касбии журналист мубрам аст. Қариб ҳама асарҳои профессор И. Усмонов дар робита ба ахлоқи касбӣ маълумот медиҳанд. Аз ҷумла, ӯ дастури таълимии «Одоби сухан»[65]-ро таҳия кардааст, ки дар он ботафсил дар хусуси моҳият, қадру мақом ва иқтидори сухан, дар бораи сухани росту нек, сухансанҷӣ, сахтгӯйӣ, навъҳои сухан, таърих ва таърихӣ будани сухан, муъҷазбаёнӣ, донистани қадри худ маълумот додааст. Қисми чоруми асари «Журналистика» [63]-и профессор И. Усмонов низ сарчашмаи муҳим аст, зеро дар он тарҷумаи яке аз асарҳои бунёдии журналистикаи муосир (ки ба назари мо, ба заминаҳои ахлоқию ҳуқуқии журналистика бештар алоқаманд аст) – «Чор назарияи матбуот»-и Ф.Сиберт, В.Шрамм ва Т.Питерсон ҷой дорад.

Профессор М. Муродов дар дастурҳои таълимии «Сотсиологияи журналистика» [37], «Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ» [36] ба мавзуи мазкур ба таври мушаххас муносибат намудааст. Ба назари мо, ин мавқеи ӯ муҳим аст: вазифаи публисист раҳнамоӣ намудани мардум ба роҳест, ки ҷомеаро ба сӯи равшангароӣ мебарад; сохти иҷтимоӣ метавонад бо таъсири қувваи ахлоқӣ ва афкори иҷтимоӣ дигаргун шавад.

Дар асарҳои профессор М.Муқимов (Ҷовид Муқим) «Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ» [38], «Радиои Би-Би-и: дирӯз ва имрӯз» [39] ва мақолаҳои алоҳидаи ин муҳаққиқ масъалаҳои махсус таҳриф намудани ҳақиқат, хатарҳои ҳамчун силоҳи пуриқтидор истифода гардидани воситаҳои ахбор дар шароити ҷанги иттилоотӣ, шарҳу

тафсири дезинформатсия, хомӯшии ҳадафмандона баррасӣ шудаанд, ки масъалаи ногузирии риояи меъёрҳои ахлоқиро таъкид менамоянд.

Муҳаққиқ С.Гулов дар маҷмуаи мақолаҳои «Амвоҷи сухан» [12] матлабҳои воситаҳои ахбори оммаи мустақил, ҳукуматӣ, васоити чопӣ ва электронии ахборро таҳлил намуда, риоя нагардидани меъёрҳои асосии этикаи касбӣ, ба монанди одоби сухан, асардуздӣ, зикр накардани сарчашмаи иттилоъ, беэҳтиромӣ нисбат ба аудиторияро ҳангоми шарҳу тафсири масъалаҳои байналхалқӣ камбудии ҷиддии расонаҳо донистааст.

Муҳаққиқ Б. Қутбиддин дар маҷмуаи «Роҳ ба сӯи эҷод» тазаккур додааст, муҳарриру корманди рӯзномаро лозим аст, ки дар алоқамандӣ бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ эътимоду боварии хонандаро ба даст оранд [26].

Дар маҷмуаи «Журналистикаи байналхалқӣ - VI» [14], ки фарогири маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Меъёрҳо ва принсипҳои байналхалқии этикаи касбии журналистӣ ва журналистикаи тоҷик» аст, паҳлуҳои гуногуни мавзуъ дар сатҳи илмӣ баррасӣ гардидааст. «Меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар журналистика» [45] сарчашмаи муҳим мебошад, зеро фарогири чандин асноди ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ аст. «Маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма» [31] ҳам сарчашмаи муҳиммест, зеро санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавиро гирд овардааст.

Нахустин таҳқиқ доир ба меъёрҳои ахлоқи касбии журналист рисолаи номзадии Лайло Киёнпур [21] мебошад.

Дар идома доираи мавзуъ васеътар гардида, ба таври мушаххас вазъи риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар матбуоти минтақавӣ аз ҷониби муҳаққиқ М.Бобоҷонова мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Муҳаққиқ Д. Рустамзода муҳиммияти меъёрҳои ахлоқиро дар расонаҳои электронӣ таъкид мекунад [52].

Як таҳқиқи мушаххаси дигар вобаста ба этикаи касбии журналист, ки дар шакли рисолаи докторӣ анҷом ёфт, диссертатсияи Аббос Афсаҳзод мебошад [4]. Ин таҳқиқ ҳарчанд ба масъалаҳои ахлоқӣ алоқаманд аст, вале дар он асосан ба ҷанбаъҳои таърихӣ ва адабии мавзуъ таваҷҷуҳ шудааст.

Санадҳои ташкилоти ҷамъиятии Шурои ВАО низ аз сарчашмаҳои аслӣ барои таҳқиқ ба шумор меравand [42; 44].

Асари ҳуқуқшинос, коршиноси байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои ВАО Ҷунайд Ибодов [17] доир ба мавзуъ маълумоти зарурӣ медиҳад. Китоби профессор Абдусаттор Нуралиев – «Асосҳои ҳуқуқии журналистика» [44] низ аз нахустин дастурҳо дар ин самт

аст. Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Умрилло Меликов низ вобаста ба вазъи ҳуқуқии журналистон «Ҳолати ҳуқуқии журналист» [33]-ро таълиф намудааст.

Асари профессор А.Г. Рихтер – «Асосҳои ҳуқуқии журналистика» [53] аз сарчашмаҳои асосӣ вобаста ба мавзуъ аст.

Интернет ба дигаргуншавии куллии воситаҳои ахбори омма боис гардид ва истилоҳи нав ҳам ба вуҷуд омад, ки он ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Дар ин самт дастури таҳиянамудаи академик М.Имомзода ва профессор Ҷ.Саъдуллоев [18] намунаи возеҳ аст.

Зимнан, мо ин мавзуъро дар шакли рисолаи номзадӣ - «Меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчун механизми худтанзимнамоӣ дар ҷомеаи журналистии Тоҷикистон» [51] таҳқиқ кардем. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои дигаре вуҷуд доранд, ки дар ин рисола ба музокира хоҳем кашид.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои журналистика, этика, ҳуқуқшиносӣ ва деонтология иртиботи амиқ дорад. Таҳқиқ як фасли корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 маҳсуб меёбад. Инчунин, кори диссертатсионии мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №263 «Дар бораи стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030» мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар замони муосир яке аз масоили мубрами журналистикаи муосир ба шумор меравад, зеро шароити муосир чунин муносибатро тақозо дорад. Мақсади таҳқиқи мазкур ҳам таваҷҷуҳ ба асосҳои илмӣ-назариявии пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика ва махсусан, журналистикаи тоҷик, муайян намудани нақши санадҳои марбут ба этикаи касбии журналист дар риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ, ки аҳамияти илмии онҳоро собит менамояд, баррасии баҳсҳо доир ба татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо бо мақсади мушаххас сохтани он ки то куҷо воситаҳои ахбори оммаи муосир ба чунин санадҳои худтанзимкунанда ниёз доранд, таваҷҷуҳ ба мақоми асноди

ҳуқуқӣ дар шароити муосир, ки кафолати конститутсионии озодии суханро доранд, ҳадафи таҳқиқ аст.

**Вазифаҳои таҳқиқ** аз баррасии масъалаҳои зерин иборат аст:

- баррасии ҷанбаҳои илмӣ-назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика;
- таҳқиқи омилҳои пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикӣ дар фаъолияти журналистӣ;
- муайян намудани заминаҳои пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқӣ;
- баррасии зарурати меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ;
- муайян намудани зарурати қабули ҳуҷҷатҳои марбут ба этикаи касбии журналист дар миқёси байналмилалӣ, кишварҳои алоҳида, созмон ва идораҳои журналистӣ;
- пайгирии кӯшишҳо дар самти қабули санади худтанзимкунии фаъолияти ВАО, муайян кардани зарурати чунин чораҷӯиҳо;
- тасниф ва тафсили намудани санадҳои байналмилалӣ ва тавзеҳи онҳо;
- муайян сохтани дараҷаи мувофиқат ва сатҳи журналистикаи тоҷик дар самти арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ;
- муайян намудани нақши зуҳуроти нави худтанзимкунӣ ва санади он дар риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ;
- баррасии вазъи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ;
- таҳқиқи падидаҳои нави марбут ба масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма.

**Объекти таҳқиқи** кори диссертатсиониро меъёрҳои этикиву ҳуқуқии марбут ба фаъолияти журналистӣ ташкил медиҳанд, ки дар шакли асноди алоҳида қабул гардида, амал мекунанд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ.** Махсусиятҳои меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ ва раванди мавриди истифодаву баҳсҳо қарор гирифтани онҳо мавзуъ (предмет)-и кори диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

**Асосҳои назарии таҳқиқро** асарҳои илмию назариявии олимони соҳаи журналистика, ки ба асосҳои назариявӣ бахшида шуда, доир ба мавзуъҳои мавриди назари мо таъкидҳо доранд, инчунин, асарҳое, ки махсус ба ҳамин мавзуъҳо марбутанд, ташкил медиҳанд. Ҳангоми баррасии масъалаҳои муҳимму умуминазарии мавзуи диссертатсия асарҳои олимону муҳаққиқони тоҷик Б. Камолиддинов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, М. Имомзода, М. Муродӣ, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллозода, М. Муқимов, А. Азимов, Ш. Муллоев, З. Муъминҷонов, М. Ҷӯраева, Т. Ҳасанова, Б. Ҳошимзода (Б.

Қутбиддин), А. Афсаҳзод, Қ. Мухторӣ, С. Гулов, Қ. Шарифзода, муҳаққиқони рус Е. П. Прохоров, С.Г. Корконосенко, В. В. Ворошилов, Г. В. Лазутина, Д. С. Авраамов ва дигарон истифода гардида, дар заминаи афкору андешаҳои эшон мундариҷаи рисолаи илмӣ танзим ва ба баъзе масъалаҳои назариявии таҳқиқоти илмӣ равшанӣ андохта шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Мавзуи мазкур аз мавзуъҳоест, ки ба таври муфассал дар илми журналистикаи тоҷик таҳқиқ нашудааст. Навгонии таҳқиқи мазкурро ба тариқи зерин нишон додан мумкин аст:

Он ҳамчун объекти таҳқиқот нав аст, зеро ба таври мушаххас дар ин самт кори илмӣ вуҷуд надорад. Баррасиҳои қисмани баъзе муҳаққиқон як андоза комплекси мавзуъро ба вуҷуд овардаанд, вале ҳануз нишони мукаммалии он нестанд, аз ин рӯ, дар чунин шаклу сатҳ баррасӣ гардидани мавзуи мазкур нишони навгонии он аст. Бори аввал дар таҳқиқи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистикаи тоҷик сурат гирифта, иродаи сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омили муҳимми ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии мутобиқ ба ҷомеаи демократӣ, аз ҷумла, меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ диниста шудааст.

Дар таҳқиқ омилҳои асосии ба вуҷудоии меъёрҳои ахлоқӣ ва заминаҳои ташаккули онҳо муайян карда шудааст. Таваҷҷуҳ намудан аз нигоҳи илмӣ ба масъалаи муносибати рӯзноманигорони тоҷик бо меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ бори аввал анҷом дода шудааст. Навгонии дигари мавзуъ дар алоқамандӣ пажуҳиш намудани меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки дар ин зимн, заминаи яке будани дигаре низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Исбот гардидааст, ки таҷрибаи байналмилалӣ дар бавуҷудоӣ ва ташаккули меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар журналистикаи тоҷик саҳми назаррас дорад.

Бори аввал марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик муайян карда шудааст. Барои бори нахуст ба моҳияти умумию илмии деонтология ва ҳамчунин, намунаҳои зуҳуроти деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик таваҷҷуҳ шудааст. Бо назардошти вазъи замони муосир бори аввал ба таври пурра масъалаи риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар фазои маҷозӣ – Интернет ба миён гузошта шуда, иқдомҳои суратгирифта таҳлил шудаанд.

### Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои илмӣ-назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика нишон дод, ки масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ

ҳамеша аз аҳаммияти хосса бархӯрдор буданд, аммо дар шароити муосир аз муҳимтарин мавзуъҳо на танҳо барои журналистика, балки барои ҷомеа гардидаанд, зеро муносибат бо омили меҳварии журналистикаи муосир – озодии сухан ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар журналистикаи байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида таъсири ҷиддӣ дорад.

2. Омӯзиш нишон дод, ки заминаҳои пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар журналистика аз масъалаҳои муҳимме ба шумор меравад, ки ба баррасии асосҳои илмӣ-назариявии онҳо зарурат вуҷуд дорад, чунки ин масъалаҳо дар журналистикаи муосир бо вуҷуди собиқаи дерин мубрамтар гардидаанд.

3. Маълум гардид, ки ба вуҷуд омадани асноди худтанзимкунии фаъолияти воситаҳои ахбори омма масъалаи шинохти возеҳи онҳоро ба миён овардааст ва таҳияву қабули санадҳои худтанзимкунии фаъолият нишони таваҷҷуҳи хоси ҷомеаи журналистӣ ба масъалаҳои ахлоқи касбии худ мебошад.

4. Таҳқиқ нишон дод, ки назария ва амалияи рӯзноманигории замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар масъалаи муносибат бо меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ бо журналистикаи байналмилалӣ ҳаммаром аст ва дар ин самт, омӯзишу истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ чун омили таъсиргузор дар ҳар як марҳилаи ташаккул ба шумор меравад.

5. Муайян карда шуд, ки шароити замон ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ мусоидат карда, барои муҳокимаи ҷомеаи журналистӣ низ имкон додааст; аз ҷониби ҷомеаи журналистӣ мавриди муҳокима қарор гирифтани санадҳои ҳуқуқии марбут ба фаъолияти рӯзноманигорон аз рӯйдодҳои камшумори ҷомеа буда, далели ба сатҳи муайяни рушд расидани раванди ташаккули ҷомеаи демократӣ дар кишвар мебошад.

6. Омӯзиш нишон дод, ки алоқамандии меъёрҳои этикӣ бо ҳуқуқӣ дар шароити муосир боиси ба вуҷуд омадани зуҳуроти нав – падидаҳои деонтологӣ дар журналистика гардидаанд ва хислати пурракунандагии байниҳамии меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ асосу тақвиятбахшандаи якдигарии онҳоро таъкид менамояд.

7. Таҳқиқ муайян намуд, ки нақши ҷомеаи журналистӣ дар ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқии соҳавӣ аз самтҳои муҳимми фаъолияти расонаҳо аст, ки инро муносибатҳо дар қабули санади худтанзимкунандаи фаъолият ва баъди пазируфтани он, муҳокимаҳои тӯлонӣ ва мавриди баҳсҳои мухталиф қарор гирифтани лоиҳаҳои санадҳои худтанзимкунии фаъолият аз ҷониби ҷомеаи журналистӣ ба таври шифоҳӣ (ҷаласаҳо) ва хаттӣ (расонаҳо) нишон медиҳад.

8. Муайян карда шуд, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ ҳолатҳои аз ҷониби ширкатҳои алоҳида қабул намудани санади дохилии ахлоқӣ ҷой дорад, ки натиҷаҳои дилхоҳ додааст. Омӯзиши ин таҷриба ва пайравӣ намудан ба он дар расонаҳои дохилӣ низ ба назар мерасад, ки дар як вақт нишони таъсиргузории ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ ба масъалаҳои умуминазариявии журналистика аст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Этикаи касбӣ меъёри муҳими муайян кардани сатҳи аҳамиятнокӣ ва мақоми иҷтимоии касбу соҳибкасбон - мутахассисон мебошад. Меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти рӯзноманигор омили муайянкунандаи хусусияти касби ӯ буда, риояи ин меъёрҳо дар воситаҳои ахбори омма аз дастовардҳо ва камбудиҳои рӯзноманигор дар фаъолияти касбии ӯ шаҳодат медиҳад. ВАО-е, ки меъёрҳои ахлоқи миллӣ ва касбӣ, арзишҳои суннатии ҷомеаро нодида мегиранд, муваффақ шуда наметавонанд. Ин нукта муҳим аст, ки ҳама санадҳои дорои хислати худтанзимкунанда дар асоси омӯзиши таҷрибаи чандинсолаи ВАО ба амал омада, бо мақсади ҳимояи шаъну шарафи журналистон ва эътибори касбии онҳо, ҳифзи моҳияти рисолати касбӣ таҳия ва қабул шудаанд. Ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ низ дар журналистика масъалаи муҳим аст, зеро сатҳи муносибати ҷомеаи журналистиро бо онҳо нишон медиҳад.

Аз нигоҳи назариявӣ таҳқиқ комплекси мавзуъро ба вуҷуд меорад. Дастовардҳои таҳқикро ҳангоми баррасии проблемаҳои этикию ҳуқуқӣ ва барои ба даст овардани маълумоти иловагӣ доир ба шинохти меъёрҳои мазкур истифода бурдан мумкин аст. Маводди диссертатсия ҳангоми таҳқиқотҳои илмӣ доир ба марҳилаҳои минбаъдаи ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ, махсусиятҳои онҳо истифода мешавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанҳои тахассусӣ истифода бурдан мумкин аст. Маводди диссертатсия ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимӣ доир ба этикаи касбии журналист ва асосҳои ҳуқуқии журналистика истифода шуда метавонад. Қисматҳои алоҳидаи кори илмиро ҳамчун маводди боэътимод ҳангоми хондани курсу семинарҳои махсус доир ба проблемаҳои этикӣ дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик (замони Истиқлол)» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22.

Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад. Дар доираи муқаррароти бандҳои 3, 7, 9 ва 11-и «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд:

- нақши меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар ташаккули фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида;
- махсусиятҳои истифодаи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти амалии рӯзноманигорон;
- заминаҳои ҳуқуқии ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти расонаҳои гуногунхислат;
- вижагиҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва муносибати онҳо бо меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқии соҳавӣ;
- махсусияти навъҳои воситаҳои ахбори омма ва қабули санадҳои худтанзимкунанда аз ҷониби онҳо;
- таҳлили муқоисавии санадҳои худтанзимкунандаи идораҳои воситаҳои ахбори омма;
- ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ташаккули фаъолияти воситаҳои ахбори омма вобаста ба муносибат бо меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқии соҳавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар диссертатсия нахустин маротиба дар илми журналистикаи тоҷик масъалаи ташаккул ва алоқамандии меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст. Саҳми шахсии муҳаққиқ дар ҷамъоварии маводди таҳқиқ ва коркарду баррасии он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маърузаҳо ва интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқоти илмии мазкур заҳмати чандсолаи муаллиф ба ҳисоб рафта, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст, зеро дар он масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии довталаб дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маърӯза дар конференсияҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мавзуи диссертатсия актуалӣ буда, дар шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи № 02 аз 30.09.2022) тасдиқ карда шудааст ва муҳимтарин нуктаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалии «Дурнамо ва равандҳои рушди рӯзноманигорӣ, суханшиносӣ ва дидактикаи лингвистӣ» (Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики») (Душанбе, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия, 24 октябри соли

2024), «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо» (Бохтар, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 11-12 апрели 2025) ва конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ» (Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 30 марти соли 2023), «Масъалаҳои рушди журналистикаи муосир: муаммо ва дурнамо» (Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 4 апрели соли 2025), «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (Кӯлоб, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ, 3 майи соли 2025), «Васоити электронии ахбор дар шароити вусъатёбии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ» (Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2 октябри соли 2025) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи №03 аз 17.10. с.2025) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 2 монография, 25 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар маҷаллаи дараҷаи Импакт дар Амрико, инчунин, 2 мақолаи дигар дар хориҷи кишвар (яке дар Русия ва дигаре дар Венгрия), 8 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи илмӣ аз муқаддима, панҷ боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 339 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** аҳамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ муайян карда шудааст, асосҳои назариявию методологӣ ва методҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ номбар карда шудаанд, навоварии илмӣ дар таҳқиқ, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ муаррифӣ гардида, дар бораи нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда коркарду

татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, сохт ва ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

**Боби якуми диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявии меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика»** аз ду фасл иборат аст. **Фасли якуми боби якум «Масъалаҳои назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ»** ном дорад.

Масъалаҳои шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои мубрами назарияи рӯзноманигорӣ ба шумор меравад. Ин мубрамият дар замони муосир боз ҳам бештар буруз мекунад, зеро шароити муосир ба ин сабаб гардидааст.

Бо назардошти ин, масъалаҳои шинохти назариявии ин меъёрҳо ҳамеша мавриди таҳқиқу баррасӣ аз нигоҳи самтҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта, доир ба онҳо изҳори назар шудааст. Бомаром рушд намудани ҷомеаи инсонӣ ва ташаккул ёфтани он боис шуд, ки барои мукаммал гардонидани асли талаботи маънавии инсонҳо ба иттилоот тахассуси муҳим – рӯзноманигорӣ низ шакл гирифта, инкишоф ёбад.

Иттилоъ, ки ҳамчун мафҳуми асосию истилоҳӣ дар журналистика дониста мешавад, барои инсон хеле муҳим аст ва дар ин самт – дар пешниҳоди иттилоъ воситаҳои ахбори омма нақши муассир доранд. Дар ин сурат моҳияти иттилоъ хислати касбӣ пайдо мекунад ва куллан тағйир ёфтани инсон бо таъсири иттилоъ дар ҳолест, ки «як иттилоъ созанда асту иттилои дигар сӯзанда. Иттилои созанда неруи пешбаранда дорад... Тавассути иттилоъ ва сухан метавон ҷомеаро идора кард. Ҳамин аст, ки иттилоъ дар ҳамаи давраҳои рушди ҷомеа мавқеи муҳим дошт ва объекти мубориза буд» [38, с. 5].

Муҳаққиқ В.Г. Афанасев ҳам ба нақши бузурги воситаҳои ахбори омма – матбуот, радио ва телевизион дар пешниҳоди иттилоъ таъкид карда, менависад, ки «онҳо силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон мебошанд ва ягон воситаи дигар чунин имкониятро надорад» [5, с. 226].

Яке аз омилҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи дараҷаи таъсирнокӣ ва муваффақии соҳибкасбон (мутахассисон, профессионалҳо) ахлоқи касбӣ аст, зеро ахлоқи касбӣ чун ҷузъи муҳимми таркибӣ муаррифгари фалсафаи касб буда, барои касби мавқеъ, пайдо кардани обрӯву нуфуз замина мегузорад. «Дар аксар ширкатҳои амрикоӣ корманди масъуле ҳаст, ки ӯро нозири ахлоқ ном мебаранд. Вазифаи ӯ нигаҳдории имиҷи (нуфузу эътибори) ширкат аст» [3, с. 289].

Бо назардошти ин, баррасии масъалаҳои шинохти меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ чун зарурате дар журналистика шинохта мешавад, ки

асос ва заминаҳои худро дорад, зеро дарёфти моҳияти аслии мафҳумҳо ва дарки зарурати онҳо пеш аз ҳама, шинохти дурусти ин мафҳумҳоро тақозо дорад, аз ин рӯ, масъалаҳои шинохти меъёрҳо аз нигоҳи илмию назариявӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд.

Масъалаҳои ахлоқӣ ва ё этикӣ дар журналистика аз нуктаи назари муҳаққиқон ҳам куҳна ва ҳам нав аст. Оид ба масъалаи кай пайдо шудани ахлоқи касбии журналист ду нуктаи назар мавҷуд мебошад. Бинобар назари якум, он баробари пайдоиш ва рушди худи журналистика пайдо шуда, тадриҷан инкишоф ёфтааст. Ба назари гурӯҳи дигар, он замоне, ки пайдоиши публитсистика расман эътироф шуд, яъне, тақрибан дар нимаи аввал ва миёнаҳои асри XIX шакл гирифтааст.

Дар байни муҳаққиқони рус нуктаи назари аввалро И.А.Кумилганова изҳор мекунад: «Сайри таърихӣ нишон медиҳад, ки аз лаҳзаи пайдоиши журналистика ахлоқи касбӣ ҷузъи таркибии он буд. Яъне, дар раванди ҳамчун соҳаи мустақили фаъолияти меҳнатӣ ҷудо шудани журналистика шуури ахлоқии журналистон низ пайдо шуда, ташаккул ёфт» [24, с. 10].

Ба назари муҳаққиқ Д.С. Авраамов, ахлоқи касбӣ танҳо бо мавҷудияти ҷомеаи касбӣ ташаккул меёбад ва ҷомеаи касбии рӯзноманигорон танҳо дар солҳои 30-40-уми асри XIX ба вуҷуд омадааст, аз ин рӯ, пайдоиши этикаи касбии журналист ҳам ба ташаккули ҷомеаи касбии журналистон марбут аст [1, с. 42].

Вале Г.В. Лазутина дар байни ин ду ақида мухолифате намебинад. Ӯ менависад, ки «ду шакли ташкили фаъолият мавчуд аст, ки инҳо ҳаваскорона ва касбӣ мебошанд ва ин дидгоҳҳои мухталиферо, ки зикрашон рафт, чунин тавзеҳ додан мумкин аст: аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки этикаи журналистӣ аз мафҳуми рӯзноманигорӣ ҷавонтар аст, вале дар айни замон ин ҷиҳат ҳам ҷойи тазаккур дорад, ки мавҷудияти этикаи журналистӣ метавонад аз ташаккули ҷомеаи касбии журналистӣ пештар бошад, чунки он баробари пайдоиши журналистика ҳамчун навъи фаъолият ба вуҷуд омадааст» [27, с. 65].

Дар шинохти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии журналистика назарияҳои маъруфи матбуот нақши муҳим доранд, зеро онҳо аввалан дар шинохти матбуот (матбуот дар ин маврид ифодагари мафҳуми воситаҳои ахбори омма аст. (Р.Х.)) нақши назаррас доранд. Аз ин рӯ, лозим медонем, ки ба моҳияти онҳо муфассалтар муносибат намоем, чунки дар ин мазмун моҳияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ низ маълум мегардад. Дар ин масъала асари консептуалии «Чор назарияи

матбуот» маълумоти зарурӣ медиҳад, зеро дар он моҳияти назарияҳо ба пуррагӣ шарҳ ёфтаанд.

Назарияҳои маъруфи матбуот имрӯз дар ҷомеаҳои алоҳида дар шаклҳои гуногуну муосир амал мекунанд ва махсусиятҳои ахлоқию ҳуқуқии назарияи авторитарии замони навро нависандаи машҳури англис Самуэл Ҷонсон хуб хулоса кардааст: «Ҳар ҷомеа ҳақ дорад сулҳи иҷтимоӣ ва тартиботро ҳифз кунад. Пас, ҳамаи асосҳоро дорад, ки паҳншавии ақидаеро ки хислати ҳалокатовар дорад, манъ кунад. Агар гӯем, ки судя чунин ҳақ дорад, саҳеҳ намешавад, зеро судя намояндаи ҷамъият аст. Паҳншавии ақидаеро, ки ӯ зарарнок ҳисоб карда, маҳдуд менамояд, аз нигоҳи ахлоқӣ ва динӣ ноҳақ буданаш мумкин аст, вале аз нигоҳи сиёсӣ вай ҳақ аст» [58, с. 5].

Таваҷҷуҳи бештар ба моҳияти назарияҳои матбуот, ки имрӯз низ амал менамоянд, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимме ҳастанд, ки дар таркиби худ мазмуни меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқиро низ ифода мекунанд ва масъалаҳои назариявии шинохти меъёрҳои мазкур низ аз онҳо бармеояд.

Масалан, бо вуҷуди тафовутҳои ҷиддии миёни назарияҳо боз ҳам меъёрҳои ахлоқӣ дар онҳо мақоми хосса доранд, ки ин ҷанбаи муҳим шинохти онҳоро осонтар менамояд. Дар назарияи либертианӣ ҳарчанд моҳияти ахлоқии он таъкид намешавад, аммо аз афкори файласуфони нахустини он бармеояд, ки ақидаҳои онҳо бар асосҳои ахлоқӣ устуворанд, зеро вақте инсонро озоду пешбарандаи тамаддун эътироф мекунанд, хушахлоқии ӯро дар назар доранд, ки барои расидан ба ҳадафҳояш мусоидат мекунад.

Яке аз назарияҳои муҳимми дигар, ки дар замони муосир вусъати густурда ва алоқамандии бевосита бо мавзуи мо дорад, назарияи масъулияти иҷтимоӣ мебошад. Мафҳуми асосӣ дар он ахлоқ аст, зеро унсури аслии тафовут масъулияти ахлоқӣ мебошад, ки дар раванди шаклдигаркунии муҳимми назарияи анъанавӣ ба вуҷуд омадааст. Яъне, муҳим будани масъулияти ахлоқии ноширон бунёди ин назарияро ташкил медиҳад. Назарияи масъулияти иҷтимоӣ аз манбаи асосии зерин бармеояд: озодӣ ҳамсафари масъулияти хос мебошад ва матбуот, ки дар системаи идораи мо мавқеи имтиёзнок дорад, вазифадор аст, дар иҷрои вазифаҳои муайяни иртиботӣ дар ҷомеаи имрӯза дар назди ҷамъият ҳам масъулият дошта бошад [58, с. 7].

Муҳаққиқон Р.Каплан ва П.Мейнз ҳам навиштаанд, ки принсипҳои асосии ахлоқие, ки рӯзноманигорон аз ин назария ҳосил кардаанд, мустақилият дар ҷамъоварии иттилоот ва муносибати эҳтиёткорона бо фаъолияти ҳукумат мебошанд. Ба назари онҳо,

назарияи масъулияти иҷтимоӣ на танҳо ба ташаккул ва ислоҳи меъёрҳои ахлоқӣ, балки ба ташаккули шуроҳои матбуотӣ ва ниҳоди нав - омбудсмен низ таъсир расонд [58, с. 11].

Дар **фасли дуюми боби якум «Зарурат ва аҳаммияти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика»** таҳқиқ шудааст. Назарияи масъулияти иҷтимоӣ ин нуктаро низ иброз медорад, ки ба ҳадди пешрафти асри бистум, ноширони дигар ҳам ба таври шабеҳ на танҳо дар бораи ҳуқуқашон ба озодии матбуот, балки аз масъулияти вобаста ба ин ҳуқуқ доштаашон мегуфтанд: «Киноматографистон ва кормандони радио ва телевизион низ бо онҳо ҳамфикр шуданд.Ноширон дар шаҳрҳое, ки як рӯзнома дошт, дар бораи масъулияте сухан мегуфтанд, ки ҳолати инҳисоргариашон ба онҳо овардааст. Дар дохили индустрияи воситаҳои ахбори гурӯҳҳои алоҳида кодекси меъёри рафтори касбиро омода мекарданд.

Дар ин маврид меъёрҳои ахлоқӣ дар маҷмуъ тасаввур мешаванд, яъне ин ҷо алакай дар мавриди маҷмуаи меъёрҳои ахлоқӣ ё кодексҳои ахлоқӣ сухан меравад ва моҳияти онҳо дар ин чунин шакл фаҳмида мешавад, яъне дар шакли санадҳои алоҳида таҳия ва қабул гардидани меъёрҳои ахлоқӣ нишони зарурати ҷомеа ба онҳо ва аҳамияташон дар фаъолияти пурсамари воситаҳои ахбори омма аст.

Профессор И. Усмонов пеш аз шарҳи ин мавзуъ зарурат ва аҳамияти меъёрҳои ахлоқиро ба таври амиқ баён кардааст, ки ба назари мо, яке аз возеҳтарин шарҳҳо дар мавзуи мазкур ба шумор меравад: «Одоби журналистӣ маҷмуи хислатҳое мебошад, ки аз як тараф хоси касби журналистиро ташкил медиҳанд, аз тарафи дигар онҳо бо хусусиятҳои хоси ҳар шахс пурра шуда, комплекси симои эҷодии нигорандаро ба вуҷуд меоранд. Ин хислатҳо ба сифати матолиби навишташуда таъсир мерасонанд: онро хонданӣ ё муттанафур, диданӣ ё нописанд мекунанд. Зеро дар татбиқ гардидан ё амалӣ нашудани меъёрҳои касбӣ ё шахсии ахлоқи журналист алоқамандии гирандагонро ба он матлаб ба вуҷуд меорад. Дар ин чиз масъулияти иҷтимоии журналист низ зоҳир мешавад» [64, с. 70].

Ба вуҷудорандаи комплекси симои эҷодии нигоранда ҳисобидани меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба назари мо, аз омилҳои муҳимтаринест, ки шарҳи дурусту мантиқии худро пайдо кардааст. Дар ҳақиқат ҳам, меъёрҳои ахлоқи касбӣ нахустин унсури муайянсози шахсияту ҳайсияти журналист ба шумор меравaнд, аз ин рӯ, ниҳоят муҳиманд ва заруратaшон ҳам дар ҳамин нукта ифода меёбад.

Воқеан ҳам, тавре мушоҳида шуд, ҳама назарияҳои матбуот ахлоқ ва меъёрҳои ахлоқиро дар меҳвар қарор дода, дар заминаи онҳо фаъолият намуданро тақозо доранд.

Паҳлуи дигари масъала, ки ба назари мо зарурати меъёрҳои ахлоқиро бозгӯ менамояд, яксон будани онҳо дар ҳама шароиту вазъият аст. Масалан, имрӯз ҳарчанд дар шароити иқтисоди бозорӣ навъҳои журналистика вобаста ба моликият ба вуҷуд омадааст ва инро дар ҷомеаҳои мутарақии демократӣ эътироф мекунанд, вале он чӣ ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ рабт дорад, ба назари мо, умумияте барои ҳама гуна воситаҳои ахбор аст. Дар мавриди санадҳое, ки марбут ба этикаи касбии журналист ҳастанд ё ба истилоҳ, кодексҳои ахлоқӣ» таҳиягарони маҷмуаи «Роҳнамо барои худтанзимкунии ВАО» чунин суолгузорӣ мекунанд: «кодексҳои ахлоқи касбӣ нисбат ба кадом журналистон татбиқ мегарданд?» ва ҷавоб медиҳанд: «журналистикаи холис ҷавобгӯйи манфиатҳои ҷомеа мебошад. Чунин журналистика иттилооти боэътимод, холис ва мутавозинро хабар дода, ба онҳое имкони сухан гуфтан медиҳад, ки имкони баён кардани андешаҳояшонро надоранд, инчунин андешаҳои мухталифи барои маводи мушаххас зарурро пешниҳод менамояд. Бо вуҷуди дорои ғояҳо ва рағбатҳои шахсӣ будан, журналистикаи холис бояд дар байни фактҳо, тафсирҳо ва андешаҳо марзи мушаххас гузорад. Фарқи «журналистикаи холис» аз «журналистикаи тарғиботӣ», «журналистикаи пардапӯш», «журналистикаи миссионерӣ» ё «журналистикаи намоишкорона», ки ба мақсадҳо ё манфиатҳои мушаххас хизмат менамоянд, аз ҳамин иборат аст. Тамоми журналистони поквиҷдон бояд ба кодексҳои ахлоқӣ ҳамеша аҳамият диҳанд» [50, с. 24-25].

Ба назари мо, ин андеша дар асоси фаҳмиши рисолати аслии воситаҳои ахбори омма ба вуҷуд омадааст; муҳим будани пешниҳоди иттилоъ нисбат ба изҳори ақида асоси ин тасаввурот аст. Моҳияти ахлоқии масъала он аст, ки новобаста аз «навъҳо»-и гуногун, меъёрҳои ахлоқӣ барои ҳамаи журналистон яксон аст ва мо ин посухро ба ҳамаи онҳо нисбат медиҳем, зеро бовиҷдонӣ аз ҳама журналистон тақозо мегардад.

Нозукии масъалаи меъёрҳои ахлоқист, ки чун муназзими рафтори одамон хислати хулқӣ доранд, яъне меъёрҳое ҳастанд, ки дар доираи ахлоқ меғунҷанд. Чанде аз меъёрҳои ахлоқӣ дар қонунҳо низ зикр шудаанд ва боз нормаҳое вуҷуд доранд, ки онҳоро “қонунҳои нонавишта” ном мебаранд.

Муҳаққиқи англис Д. Бойник суол мегузорад: «Кодекси ахлоқӣ таъсирнок аст?» [29, с. 3-8] ва барои дарёфти посух дар се нашрия – «Индианаполис Стар» (адади нашр 200 ҳазор нусха), «Овенсборо Мессенджер Инквайрер» (адади нашр 33 ҳазор нусха), «Шелбивил Нюс» (11 ҳазор нусха) таҳқиқ мегузаронад. Дар ин таҳқиқ маълумоти асосӣ тавассути мусоҳиба бо роҳбарият ва кормандон, мушоҳидаи ҷараёни кор дар идораи нашрияҳо ба даст оварда шудааст. Натиҷаи таҳқиқ он аст, ки ба қабули кодексҳои ахлоқӣ зарурат ҳаст, зеро ҳар як коллективи эҷодӣ маданияти хоси худро дорад ва кормандон барои коста нагардидани он бояд кӯшиш намоянд.

Роберт Кембелл, журналисте, ки дар шабакаҳои машҳури телевизионии Амрико фаъолият намудааст, дар семинари «Ташкили кори шуъбаи ахбор» ба директорони шуъбаҳои ахбор моҳият ва зарурати ахлоқи касбӣ, объективият ва аниқии маълумотро ҳангоми фаъолият бо мисолҳои мушаххас собит намуда, мавҷудияти кодексҳои ахлоқиро дар шабакаҳои телевизионӣ воситаи ба даст овардани эътимоди бинандагон ва ҳифзи шарафи касбӣ донистааст [22, с. 40-42].

Муҳаққиқ С.Г. Корконосенко ҳам ба ин назар аст, ки «вақте сухан дар атрофи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва қабули санадҳои марбут ба ахлоқ меравад, бояд таъкид намуд, ки ин ташаббуси худ ҷомеаи журналистӣ аст; журналистон он масъалаеро муҳокимаҳо намуданд, ки барои баланд бардоштани эътибор, таъсирбахш кардани матлабҳо ва бартараф намудани монеаҳои фаъолият чӣ бояд кард? Ба хулосае расиданд, ки роҳи дуруст қабули кодекси ахлоқист, зеро он аз низоъ ва ихтилофот пешгирӣ намуда, барои муттасилу таъсирбахш фаъолият намудан мусоидат мекунад» [23, с. 278].

Дар дарки моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шароити муосир ин нукта муҳим аст, ки маҳаки аслии онҳоро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои инсон ташкил медиҳад. Аммо ин нукта ҳам шоистаи таъкид аст, ки ҳар гоҳ сухан дар атрофи ҳуқуқ ва озодиҳо меравад, ҳатман мафҳумҳои уҳдадорӣ ва масъулият низ ҳамроҳи онҳо ҳастанд, ки ҳамин ҷанбаи муҳим моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро ифодагар мебошад.

Муҳаққиқи соҳа, директори Институти масъалаҳои ҳуқуқи иттилоотӣ, сармуҳаррири маҷаллаи «Қонунгузорӣ ва таҷрибаи расонаҳо» А.Г. Рихтер дар муқаддимаи китоби «Асосҳои ҳуқуқии журналистика» менависад, ки барои дарки масъала пеш аз ҳама, бояд ба моҳияти ҳуқуқ, сарчашмаҳо ва принсипҳои он таваҷҷуҳ намуд. Ба назари ӯ, мафҳуми ҳуқуқ дар ду навъи фаҳмиш ифода меёбад:

субъективӣ ва объективӣ: «Аз нигоҳи субъективӣ, ҳуқуқ ифодагари мафҳуми меъёрҳои дурандешонае мебошад, ки манфиатҳои молумулкӣ ва ё ғайримолумулкии шахсонро дар ҳолатҳои мушаххас муайян ва ҳифз менамояд. Аз нигоҳи объективӣ бошад, ҳуқуқ ин низоми меъёрҳои барои ҳама ҳатмии рафтор мебошад, ки бо мақсади таъмини баробарии инсонҳо ва ҳифзи манфиатҳои онҳо муқаррар гардида, ҳадии озодиҳои онҳоро низ муайян мекунад » [53, с. 8].

Ҳуқуқшиноси соҳаи ВАО Ҷунайд Ибодов ҳам тазаккур медиҳад, ки қонунгузории муосири ҷаҳонӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон равона гардидааст ва ин саабу омилҳои худро дорад, ки ваҳшонияти Ҷанги дуюми ҷаҳон далели он мебошад. Ӯ аз «чор озодии» муқарраркардаи президенти вақти ШМА Рузвелт ёд мекунад, ки инҳо озодии сухан ва баёни ақида, озодии эътиқод, озодӣ аз муҳтоҷӣ ва озодӣ аз тарс мебошанд [17, с. 4-7].

Ин шарҳҳо, ки дар маҷмуъ, моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро бозгӯ менамоянд, ба назари мо, зарурат ва аҳамияти онҳоро низ дар ҷомеа ошкор месозанд. Тавре аз ин тавзеҳот бармеояд, меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳз барои он шакл гирифтаву низом пайдо мекунанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ таъмин гардида, ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои ҷомеа ҳифз карда шавад.

**Боби дуюми диссертатсия «Раванди ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар ВАО-и тоҷик»** унвон дошта, **дар фасли якуми он «Омилҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ»** баррасӣ гардидааст.

Дар таърихи халқи мо сар аз Зардушт ва маҳаки таълимоти ӯ – «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» то Саъдии Шерозию Унсурулмаолии Кайковус ва муаллифони «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-ву «Футувватномаи султонӣ», ҳама адибони классик ба масъалаҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудаанд, зеро асоси ҳастии инсон дар ҷомеа будани он барояшон дақиқ буд; таълимоти онҳо то имрӯз арзиши худро гум накардааст, балки бештар гардида, чун василаи такомули ахлоқӣ эътироф мешавад. Дар осори олимону файласуфони Шарқ, чун Абӯалӣ ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Муҳаммад Ғаззолӣ, Ибни Рушд бахшҳои алоҳидае ба ахлоқ ихтисос дода шуда, муҳимтарин ҷанбаъҳои он дар робита ба қонуниятҳои идораи давлат ва низоми ҷамъият зикр гардидааст.

Мафҳуми ахлоқ аз дидгоҳи фалсафӣ ҳанӯз дар Юнони қадим мавриди баррасӣ қарор гирифта, файласуфони бузурге чун Афлотун, Арасту, Эпикур, Суқрот ва дигарон доир ба он изҳори назар кардаанд. Худшиносӣ дар фалсафаи Суқрот, маънии худшиносӣ ҳамчун ҳастии

ҷомеавӣ ва ахлоқӣ ба шумор мерафт. Хулоса, муҳтавои асосии фалсафаи ӯ масъалаҳои ахлоқӣ буданд. Инсонро Суқрот ҳамчун ҳастии ахлоқӣ баррасӣ мекард. Бинобар ин фалсафаи ӯ инсоншиносии (антропологизми) ахлоқӣ мебошад» [32, с. 56].

Вақте пайдоиши меъёрҳои ахлоқиро дар журналистика пайгирӣ мекунем, ҳатман ба заминаҳои умумӣ таваҷҷуҳ мебояд, зеро маҳз онҳо асоси пайдоиши меъёрҳо дар соҳаҳои алоҳида ҳастанд. Таваҷҷуҳ намудан ба андешаҳои ахлоқии файласуфи бузург Ғаззолӣ, ки хушахлоқиро нишонаи зотии инсон, ҳастии ҷомеаро бидуни он ғайримумкин ва ахлоқро шарифтарин илм дар тарбияи одамият медонад, зарурат дорад ва мо низ ин заруратро истисно накардем, зеро хулосаи ниҳоии бақои ҳастии инсоният ба ахлоқ вобаста аст.

Нигоҳи маҷмуӣ ба афкори мутафаккирони аҳди қадиму асрҳои миёна гувоҳи он аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ чун ҷузъи муҳимми ҳаёти инсон аз оғози худшиносии инсонӣ мавриди таваҷҷуҳу баррасӣ қарор дошта, муҳиммияти он ҳамеша таъкид шудааст. Аз ин рӯ, омили пайдоиши меъёрҳои ахлоқиро метавон ба ҳастии маънавии инсон пайванд дод.

Муҳаққиқ Р.Соҳибназарбекова масъалаи худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма дар кишварҳои Осиёи Марказиро таҳлил намуда, менависад, сайри мухтасар ба таърихи нисбатан кӯтоҳи таҳаввулоти худтанзимкунӣ дар фазои пасошӯравии Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, пас аз ба даст овардани истиқлолият миёни ҷумҳуриҳои минтақа дар Қирғизистон аввалин кӯшишҳо барои қабули кодекси одоби касбӣ сурат гирифта, соли 1997 бо дастгирии Иттиҳоди журналистони ин кишвар чунин санад бо имзои аксар сардабирони рӯзномаҳои бонуфузи ба имзо расид, вале ба роҳбарӣ гирифта нашуд, чун он замон ҳеҷ ниҳоде барои назорати риояи он таъсис наёфта буд [77, с. 33].

Доир ба таҷрибаи Тоҷикистон ин муҳаққиқ менависад, ки баҳсҳо оид ба қабули санади ахлоқӣ аз соли 2002 оғоз шуд, лоиҳаҳои гуногун омода шуданд, аз ҷумла, лоиҳаи аввал дар ин сол аз ҷониби профессор И.Усмонов, ки он вақт коршиноси Ассосиатсияи миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон ҳам буд, таҳия ва пешниҳод карда шуд. Сарфи назар аз он ки лоиҳаи мазкур дар семинарҳои гуногун дар маркази вилоятҳо, дар пойтахт муҳокима шуда бошад ҳам, қабул нагардид. Баррасии зарурати қабули санади ахлоқӣ дар доираи лоиҳаи раёсати иттилооти вазорати корҳои хориҷӣ оид ба омӯзиши журналистон ва намояндагони сохторҳои давлатӣ дар заминаи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар назди ҷомеа соли 2007 аз сар гирифта шуд, вале боз

ҳам қабул нашуд» [77, с. 34]. Ин муҳаққиқ ҳам нахустин кӯшиши қабули кодекси ахлоқиро ба лоиҳаи Ассосиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон марбут медонад (ва чун Н.Қаршибоев лоиҳаи Иттифоқи журналистонро сарфи назар мекунад) ва сабабҳои қабул нагардидани ин лоиҳаҳоро шарҳ надода, танҳо ишора мекунад, ки лоиҳаҳои мазкур аз ҷониби ҷомеаи журналистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, доир ба онҳо дар саҳифаҳои матбуот матолиб чоп шуданд.

Вақте таъкидан ба масъалаи нақши меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистика рӯй меорем, ин мавқеи журналисти маъруф Раҷаб Мирзоро иброз медорем, ки дар як мусоҳибаи ихтисосӣ ба суоли он ки «агар этикаи касбии журналистӣ намебуд, чӣ мешуд?» ҷавоб додааст ва ба назари мо хеле посухи амиқу арзишманд мебошад: «Оё медонед, одобномаи журналистӣ дар дунё барои чӣ пайдо шуд? Дар кишварҳои ғарбӣ ҷараёне шакл гирифт, ки ҳукумат мехост ба воситаи қонунгузорӣ фаъолияти журналистиро маҳдуд намояд. Дар натиҷа онҳо тасмим гирифтанд, ки худашон кодекси ахлоқӣ нависанд ва фаъолияташонро назорат кунанд. Ҳоло дар бархе кишварҳо, аз ҷумла дар Олмон қонуни матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма вуҷуд надорад. Инҷониб барои омӯзиши ин раванд ба Олмон сафар доштам ва таҷрибаи онҳоро омӯхтам. Шурои ВАО, ки ин одобномаро назорат мекунад, ҷазои сахттаринро барои журналист таъйин мекунад: яъне ин ё он журналист ё расонаи хабариро дурӯғгӯ ва манбаи маълумоти нодуруст, ё берун рафтан аз доираи ахлоқи касбӣ эълон мекунад. Ин ҷазои бамаротиб сахттар назар ба зиндонӣ кардан ё муҷозот намудан аст. Мардум дигар ба ин журналист ё расонаи хабарӣ эътимод намекунанд ва ӯ ҳамин тавр аз фаъолият боз мемонад» [85].

Пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ низ дар журналистикаи тоҷик махсусиятҳои худро дорад. Муҳаққиқ Қ.Шарифзода рушди журналистикаи муосири тоҷикро аз ҳашт марҳила иборат медонад. Ба назари муаллиф, марҳилаи якум аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар ВАО» ибтидо мегирад, ки соли 1990, замоне, ки Тоҷикистон ҳанӯз дар ҳайати давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ буд, қабул гардида, бо махсусияти хоси худ маълум аст. Ин махсусият бори нахуст дар таърихи беш аз 70 соли мавҷудияти матбуоти шӯравии тоҷик ба таври расмӣ ва қонунӣ эълон доштани озодии матбуот ба шумор меравад: «ВАО-и Тоҷикистон ба шарофати аввалин қонуни соҳавӣ – Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма” (14.12.1990) пеш аз истиқлоли давлатӣ мустақилият касб намудааст. Аҳамияти таърихии

қонуни мазкур дар он аст, ки бори аввал матбуот ва дигар ВАО-ро озод эълон намуд» [79].

Дар ҳақиқат, ин озодӣ оғози рушди матбуоти муосири тоҷик гардид ва маҳз чунин шароит имкон дод, ки рӯзномаву маҷаллаҳои шаклан дигар низ ба вуҷуд оянд. Дар ибтидо он марҳилаи рушди воситаҳои ахбори оммаи кишвар, ки ба сӯйи соҳибистиқлолӣ равона буд, гардид, вале баъдан равиши номатлубе касб кард. Профессор И.Усмонов менависад, ки «ман, аслан мисоли онеро намедонам, аниқтараш пайдо накардам, ки дастгоҳи матбуотӣ муқобили соҳиби худаш таблиғ карда бошад. Вақте ин суханро мегӯям, ман меъёрҳои доимии классикии матбуоти ҷаҳониро дар назар дорам. Он воқеаҳое, ки дар муҳити иҷтимоӣ гӯё чун таборузи озодӣ ба амал омаданду меоянд ҷуз ба шеваи ҷаълӣ таборуз додани озодии баён, ба ибораи бузургон гӯем, ҷуз ба пул фурӯхташавии журналистон чизи дигаре нестанд. Масалан, дар ибтидои солҳои навадум «Тоҷикистони Шуравӣ» (муҳаррир М.Муҳаббатшоев) аз ношираш «талоқ» талаб мекард, «Ҷавонони Тоҷикистон» (муҳаррир А.Воҳидов) аз созмони комсомол ҷудо шуданӣ буд, «Паёми Душанбе» (муҳаррир Д.Эгамов) ҳомии нав мекофт. Инҳо нишонаи он набуданд, ки ин рӯзномаҳо озодона гуфта метавонистагӣ шуданд, озодӣ ба даст оварданд. Балки дар ҳақиқат далеле буданд ба он ки сармоягузори зерпардагие ёфтаанд, ки он ташвиқ мекунад, «ҳай-ҳуй» меандозад ва бо ин мақсад садақа медиҳад. Зеро таърихи ВАОТ (воистаҳои ахбори омма ва таблиғ)-и ҷаҳон, аз ҷумла сарнавишти ин нашрияҳо баъди соҳиби «истиқлолият» шуданашон дурӯғ будани он бозию ҳангомаҳои сиёсиро нишон доданд» [64, с. 14].

Ба назари мо, ин ҳар ду ҳолати ҷойдошта дар мавқеи худ дуруст ба шумор мерафтанд, чунки фаҳмиши аввал, ки озодии матбуотро омили рушди матбуот мешуморад, дарки дурусти мафҳуми озодиро дар назар дорад ва мисоле, ки аз ҷониби профессор И. Усмонов тазаккур ёфт, далели равиши номатлубе дар фаҳмиши озодӣ ба шумор меравад. Яъне, дар марҳилаи якум чунин ҳолатҳои мухталиф низ ҷой доштанд ва боиси он гардиданд, ки доир ба меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибати мухталиф сурат бигирад.

19 марти соли 2013 баъд аз муҳокимаву баррасиҳои зиёди сесола Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз нав қабул шуд. Ин қонун санади асосии танзимкунандаи фаъолияти журналистӣ ва идораву ташкилотҳои ВАО дар кишвар ба шумор меравад.

Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ шоистаи таъкид аст. Аввалан, таъкиди ягонагии ВАО (ба давлатӣ ва мустақил ҷудо накардан) мавқеи ниҳоят муҳимми Сарвари давлати мо аст, ки ба ташаккули расонаҳои мустақил мусоидат намуд. Баъдан, Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баргузор намудани нишастҳои матбуотӣ” (аз 4 марти соли 2005, № АП-1677), ки чун майдони муносиби муколама ва дарёфти иттилоъ тавассути пешниҳоди саволу дархостҳо ба роҳбарони сатҳи аввали вазорату идораҳо дониста мешавад. Инчунин, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» (аз 7 феврали соли 2009) иқдоми нодири дигар барои боло бурдани мақоми ВАО дар ҷомеа ба шумор меравад, ки солҳои аввал чун нишастҳои матбуотӣ хеле пуртаъсир буд.

Ҳамин тавр, метавон ба натиҷае расид, ки дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ заминаҳои мушаххаси худро доранд, ки аз марҳилаҳои муайян иборат мебошанд ва чун ин меъёрҳо вобаста ба талаботи замон дигаргун мешаванд, боз ҳам дар такомул хоҳанд буд. Аммо дар ҳамин давраи муайяне, ки мо дар назар дорем, чанд марҳилаи ташаккули меъёрҳои мазкур ба назар расид, ки чун идомаи мантиқии ҳамдигар барои мушаххас гардидану дар шакли санади алоҳида пазируфта шудани меъёрҳои этикӣ, инчунин, созмон ёфтани ташкилоти алоҳидаи вобаста ба назорати риояи ин санад мусоидат карданд.

Дар **фасли дуюми боби дуюм** раванди «**Қабули асноди расмӣ доир ба меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ**» таҳқиқ шудааст**.**

Аз байн рафтани давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ дар сарнавишти ҷумҳуриҳои ҳайати он тағйироти куллӣ ба вуҷуд овард, зеро онҳо соҳибистиқлол гардида, ба марҳилаи комилан нав дар ҳама самтҳои давлатдорӣ рӯ ба рӯ гардиданд. Пас аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон муносибатҳои вобаста ба фаъолияти журналистон ҳам тағйир ёфтанд. Давлати мустақили миллӣ мақсади бунёди ҷомеаи демократиро дар назди худ гузошт ва бо вуҷуди нобасомониҳои дохилӣ соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид ва бо меъёрҳои муқаррарнамудааш дар қатори демократитарин конститутсияҳои дунё ҷой гирифт, зеро инсон ва ҳуқуқу озодиҳои фитрии ӯро арзиши олӣ донист. Конститутсия Тоҷикистонро ин гуна муаррифӣ мекунад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр,

демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [25, с. 5]. Ин муқаррарот низ низоми нави давлатдориро муайян намуда, ҷомеаро расман ба «ҷаҳони нав» раҳнамун сохт. Ҳамчунин, дар моддаи 30-юми Сарқонун «ба ҳар кас озодии сухан, нашр ва ҳуқуқи истифода аз воситаҳои ахбор» кафолат дода мешавад. Манъ будани сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид ҳам муқарраротии конститутсионист.

Раванди ба «ҷаҳони нав» ворид гардидани ҷумҳуриҳои собиқи Шуравӣ табиист, ки ҷараёни ба дигаргуниҳои куллӣ рӯ ба рӯ шуданро дар пай дошт, зеро пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар ҳудуди он «таркиши иттилоотӣ ба вуҷуд омад. Ин як марҳилаи таърихии ҳассос буд. Дар чунин марҳилаи ҳассос қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки ба замони бозсозӣ, пеш аз касби Истиқлолияти давлатӣ дар соли 1990 (14-декабр) рост омада буд ва давоми 23 сол (2013) барои ҷомеаи журналистии Тоҷикистон хидмате сазоворе анҷом дод, зеро қонуни мазкур бо руҳияи ошкорбаёнӣ дар заминаи талошҳо баҳри мустақилият пазируфта шуда, руҳияи демократӣ дошт: «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки дар поёни даврони Шуравӣ қабул гардида буд, бешубҳа, ба талаботи матбуоти озод ҷавобгӯ мебошад» [64, с. 142].

Раиси Ассосиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон Н. Қаршибоев лоиҳаи Кодекси одоби журналисти Иттиҳоди журналистонро сарфи назар намуда, қайд мекунад, ки «дар Тоҷикистони соҳибистиқлол кӯшишҳои худтанзимкунӣ, таҳия ва қабули кодекси ахлоқи журналистӣ аз оғози соли 2000 шуруъ гардида буд» [15, с. 54].

Ниҳояти кӯшишҳо барои худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма дар соли 2009 натиҷа дод. Созмони ҷамъиятии Шурои ВАО-и Тоҷикистон дар чандин мизи гирд ва машваратҳо лоиҳаи «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон»-ро муҳокима намуда, 30 октябри соли 2009 ин санадро қабул намуд. Дар таҳияи он намояндагони ҷомеаи журналистӣ, коршиносони миллию байналмилалӣ ширкат намуда, аз таҷрибаи мамлакатҳои гуногун истифода кардаанд. Он аз пешгуфтор ва 17 меъёр иборат аст. Ҳуҷҷати мазкур 14 майи соли 2009 дар шакли лоиҳа омода гардида, ба муҳокима гузошта шуд ва дар зарфи панҷ моҳ баррасиву пазируфта шуд.

14 январи соли 2010 Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятии Шурои ВАО-и Тоҷикистонро ба қайд гирифт. «Муассисони Шурои ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Ассосиатсияи

миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон, ҶДММ «Оила», ҶДММ «Чархи гардун», Хазинаи гиромидошт ва дифоъ аз ҳуқуқи журналистон, Ассосиатсияи миллии ВАО-и электронии Тоҷикистон, Телевизиони «Симои мустақили Тоҷикистон», Оҷонсии иттилоотии «Азия плюс», Маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон», Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошанд». Шуро воситаҳои ахбори омма ва журналистонеро, ки Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистонро эътироф мекунанд, сарфи назар аз он ки дар ВАО-и ҳукуматӣ, хусусӣ, ҳизбӣ фаъолият доранд ё журналисти мустақил мебошанд, муттаҳид мекунад. Ҳангоми баррасии шикоят Шуро ба он ҷаҳд мекунад, ки муколамаи созанда миёни тарафҳои баҳс таъмин гардад, иштирокчиёни баҳс меъёрҳои муқарраргардидаи байналмилалии ахлоқи журналистӣ ва зарурати истифодаи онҳоро дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ дарк намояд» [54].

Замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон барои рушди ҳамаҷонибаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма мусоидат кард. «Истиқлолият имкон дод, ки заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти расонаҳо фароҳам оварда шудаву пайваста такмил ёбанд ва ин ҳама дар асоси Конститутсия сурат бигирад. Қабули ин аснод, пеш аз ҳама, ба иродаи қавии сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот мегирад. Ва ин ки имрӯз дар фазои иттилоотии мо расонаҳои моликият ва самташон гуногун фаъолият доранд, самараи иродаи Пешвои миллатамон мебошанд. Санади олии ҳуқуқии Тоҷикистон дар қатори беҳтарин конститутсияҳои кишварҳои олам ном бурда мешавад. Таҳияву қабули ин санади тақдирсоз бевосита таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст. Чун бо қабули Конститутсия мо бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёдро мақсади худ қарор додем, аввалин иқдоми роҳбарияти давлати тозаистиқлоли мо фароҳам сохтани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти воситаҳои ахбори омма буд. Дар асоси Конститутсия даҳҳо қонуну санад қабул шудаанд, ки ҳамагӣ барои фаъолияти озодонаи расонаҳо мусоидат мекунанд» [73, с. 251].

Ин рушд ба бахши қонунгузорӣ низ дахл дорад; қабули якчанд қонунҳои соҳавии дигар ба монанди «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» (18 июни соли 2008 таҳти №411 қабул шуда, аз 3 боб ва 18 модда иборат аст) , «Дар бораи мурожиати шаҳрвандон» (14 декабри соли 1996, №343, 20 модда), «Дар бораи иттилоот» (10 майи соли 2002, №, 5 бобу 44 модда), «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он»

(13.11.1998, №726, 5 боб, 48 модда), «Дар бораи табъу нашр» (27.12.1993, №897, 6 бобу 35 модда), «Дар бораи реклама» (01.08.2003, №34), самти ҳуқуқии фаъолияти соҳаро мушаххастар гардонид [31, с. 14].

Ҳамин тавр, қабули асноди расмӣ оид ба меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик як раванди мунтазам ва бо мурури замон тағйирпазиру мудовим мебошад, ки дар аксар ҳолат ба самти мувофиқ равона буда, натиҷаҳои назаррас ҳам дорад.

**Дар боби сеюм «Махсусиятҳои меъёрҳои ахлоқӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқӣ»** таҳқиқ шуда**, дар фасли якум «Таъсири омилҳои этикӣ ба шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ»** баррасӣ гардидааст.

Алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои фалсафа ва ҷомеашиносӣ ба шумор меравад, зеро ахлоқ чун мавзуи ҷовидонаи инсоният ҳамеша ва дар ҳама давру замон мавриди баррасӣ, таҳлил ва таҳқиқ қарор дошту дорад. Дар ин раванд робитаи ногусастанӣ ва пайванди амиқи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, умумият ва тафовути онҳо дар маркази таваҷҷуҳ буду ҳаст, зеро ин ду падидаи рӯзгори маънавии инсон ҳамчун идомаи мантиқии ҳамдигар ба ҳам пайвандии зиёд доранд.

«Ахлоқ дастоварди муҳимтарин дар тӯли фаъолияти эҷодии инсоният мебошад. Ин падидаи арзишманд баробар бо пайдоиши инсони андешакунанда зуҳур карда, дар муназзам сохтани ҷомеаи инсонӣ ва таъмини марҳилаҳои ташаккули минбаъдаи он саҳми назаррас гузоштааст. Ба ибораи дигар, таърихи ташаккули маънавиёти инсонӣ бо пайдоиши ахлоқ пайванди ногусастанӣ дошта, низоми мукаммали ҷамъиятиро бе вуҷуди ин падида тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Мусаллам аст, ки шинохти мазмуну моҳияти ахлоқ ва мушаххас намудани нақши он дар танзими ҷомеа, имрӯз низ аҳамияти худро нигоҳ дошта, таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд. Донишмандони муосир баробари баррасии масоили дигари илмиву техникӣ таҳқиқи масоили ахлоқиро низ муҳим мешуморанд, зеро шуур ва мафкураи инсони маҳаки асосии ташаккулдиҳандаи соҳаҳои дигари ҷамъият мебошанд. Тарбияи шуур ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли башар омили муҳимтарини ҳифзи арзишҳои умумибашарӣ ва ташаккули ҷомеаи мутамаддин ва инсонмеҳвар маҳсуб меёбад» [61, с. 103-104].

Дар ҳақиқат, ахлоқ ҳамчун маҳсули шуури инсонӣ алоқамандии бевосита бо дигар зуҳуротеро дорост, ки аз шуури инсон падид меоянд. Ҳуқуқ низ ба маънои аслӣ аз зуҳуроти табииест, ки аз

тафаккуру шуури инсон бармеояд, аз ин рӯ, алоқамандии бевосита ба ахлоқ дорад. Дар баробарии алоқамандии зиёд тафовут ҳам дорад, ки ба назари муҳаққиқон ин фарқ чунин аст: “Шуури ахлоқӣ, яке аз шаклҳои асосии арзишҳои шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки дар он меъёрҳои муқарраргардидаи умумӣ ва баҳодиҳии фаъолияти инсонӣ инъикос меёбанд. Дар тафовут аз шуури сиёсӣ, ки принсипҳои муносибати байни гурӯҳҳои иҷтимоиро инъикос менамояд, аз шуури ҳуқуқӣ, ки дар он шахсияти инсон, муносибатҳои ӯ ба дигарон бештар ҷалб карда шудаанд, шуури ахлоқӣ муносибатҳои байни шахсиятҳоро инъикос менамояд. Ташаккулёбии шуури ахлоқӣ ҳанӯз дар марҳилаҳои аввали инкишофи худ барои ба назму тартиб даровардани муносибатҳои байни шахсиятҳо ва фаъолияти якҷояи одамон дар ҳама соҳаҳои ҳастии ҷамъиятии онҳо камари хидмат бастааст» [82].

Инчунин, доир ба ҷанбаъҳои хоси фарқкунандаи меъёрҳои мазкур низ андешаҳо вуҷуд доранд, ки дар чунин шакл ифода ёфтаанд: масалан, агар меъёрҳои шуури ҳуқуқиро муассисаҳои давлатӣ тартиб дода, дар ҳаёти ҷамъиятӣ татбиқ намоянд, пас меъёрҳои шуури ахлоқӣ мустақиман дар амалияи рафтори одамон, дар раванди муносибатҳои рӯзмарраи онҳо ташаккул ёфта, вазифаи худро анҷом медиҳанд, ки дар натиҷаи таҷрибаи таърихӣ ва ҳаётии якҷояи одамон муқаррар гардидаанд. Онҳо аз ҷониби ҷомеа ҳамчун арзиш барои ҷомеаи муайян таҳким меёбанд, вале дорои неруи ҳуқуқӣ намебошанд. Доир ба умумияти онҳо низ сухан ба миён оварда, муҳаққиқ З.Зиёеева зикр мекунад, ки дар зиндагии инсон ҳама фаъолияти инсонро метавон бо меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба низом даровард. Инчунин, шакли бисёршохаи танзими ҷамъиятии рафтор вуҷуд дорад, ки онро наметавон ба соҳаи ахлоқ мансуб донист. Ба ин гурӯҳи танзимкунанда урф, одат, маросим, муқаррароти дохилии гурӯҳҳои муайян, мӯдҳои зудгузари рафтори оммавӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд [82].

Дар ин маврид метавон бо ин муҳаққиқ ҳамақида набуд, ба он хотир, ки ахлоқ, ки бо мафҳуми умумии этика фаҳмида мешавад, дар зермаъноӣ худ ин «шакли бисёршохаи» танзими ҷамъиятии рафторро фаро мегирад, аз ин рӯ, бо он қисмати андешаи ин муҳаққиқ, ки мегӯяд, ҳама самтҳои фаъолияти инсонро метавон бо меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба танзим даровард, мувофиқ будан имкон дорад.

Дар идомаи андешаҳояш муҳаққиқ З. Зиёева доир ба шуури ахлоқӣ чунин афкори арзишмандро пешниҳод менамояд, ки қобили дастгирист: ...шуури ахлоқӣ омили зарурии пешрафти ҷомеаи инсонӣ ва инсоникунонии он мебошад. Пешрафти умумии шуури ҷомеаи

инсонӣ аз пешрафти шуури ахлоқӣ ҷудонашаванда аст. Шуури ахлоқӣ дар навбати худ баробари пешрафти иҷтимоӣ-таърихии ҷомеа, камолоти ҷанбаъҳои гуногуни он: иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавиро боз ҳам васеътар намуда, онҳоро ғанитар мегардонад.

Вобаста ба муҳиммияти ахлоқ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари илмии худ «Имоми Аъзам ва ахлоқи умумиинсонӣ» иброз менамоянд, ки «ҳар қадар дараҷаи ахлоқӣ ҷомеа баланд бошад, ба ҳамон андоза талаботи қонун дар он хубтар ҷорист. Инчунин, сатҳи болоравии ахлоқӣ ҷомеа ба устуворӣ ва мустаҳкамии давлат алоқаманд аст» [86].

Аз ин бармеояд, ки меъёрҳои ахлоқ на танҳо дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, балки дар танзими муносибатҳои сиёсӣ низ мавқеи хоссаро доро мебошанд. Чунин арзиши баланди меъёрҳои ахлоқӣ, мутафаккиронро водор намудааст, ки ақидаҳои худро оид ба муҳиммияти ахлоқ иброз намоянд.

«Вале дар низоми меъёрҳои иҷтимоӣ меъёри ахлоқ мавқеи хосса дошта, он заминаи ташаккулёбии дигар меъёрҳои иҷтимоӣ аз ҷумла, меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд. Пеш аз ҳама, ахлоқ қисмате аз амалҳои некиро фаро гирифта, хушбахтии инсон ва саодати ҳақиқии зиндагии одамонро фароҳам меорад. Бадӣ бошад, ҳамчун ҷузъи дигари ахлоқ, тасаввуротро оид ба разолат ва ҷаҳолат ифода менамояд. Бадӣ дар он ҷое ба вуҷуд меояд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ носолим ва зиддиинсонӣ буда, қадру қиммати шахс поймол мегардад» [74, с. 38].

Меъёри ахлоқ ин қонуну қоидаҳои шахшуда набуда, дар натиҷаи робитаи доимӣ, таърихан ташаккулёфта, ҳамеша дар инкишофу тағйирёбӣ қарор дорад. Вобаста ба масъалаи мазкур метавон иброз намуд, ки муҳиммияти меъёрҳои ахлоқро мутафаккирони замони муосир низ зери коркарди илмӣ қарор додаанд. Аз ҷумла, мутафаккирон-ҳуқуқшиносон Б.И. Чичерин, Б.А. Кистяковский ва дигарон ҳуқуқро бо ахлоқ, ақидаҳои озодӣ, баробарӣ, адолат алоқаманд мекунанд. Дар ҷомеа, қонунгузорӣ набояд аз меъёрҳои ахлоқӣ берун равад…барои он ки қонун ва ахлоқ ҳадди ақал дар ҳамоҳангӣ қарор дошта бошанд. Равиши мазкурро дигар мутафаккирон ҷонибдорӣ намуда, чунин иброз менамоянд, ки ғайр аз муоширот ва мутобиқати амиқи бунёдии ахлоқ, қонун ташаккул намеёбад ва қабул карда намешавад. Аз ин бармеояд, ки ба эътибор гирифтани арзишҳои дигари иҷтимоӣ (ахлоқӣ, динӣ ва ғ.) метавонад дар раванди қабул, амалинамоӣ ва татбиқи қонун дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бисёр ба маврид ва натиҷабахш бошад. Албатта, бояд иброз

намуд, ки нақши ахлоқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ назаррас буда, маҳз инъикоси он дар меъёрҳои ҳуқуқ нуфузи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро баланд бардошта, ба амалигардии онҳо мусоидат менамояд. Ҳангоми ҷавобгӯ набудани меъёри ҳуқуқ ба меъёрҳои ахлоқ он аз ҷониби ҷомеа қабул нахоҳад гардид. Дар ин сурат нуфузи қонун дар ҷомеа паст мегардад [74, с. 39].

Бевосита объекти як қатор меъёрҳои моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, Кодекси граждании ҶТ-ро бевосита ахлоқ ташкил медиҳад. Масалан, айни замон ахлоқ ба сифати объекти моддаҳои 137, 237, 237 (1), 351- и Кодексии ҷиноятии ҶТ (м. 137, таҳқири омавии Президенти ҶТ ё туҳмат кардан ба ӯ, м.237 авбошӣ, м. 237 (1) вандализм, м. 351 гувоҳии бардурӯғ) баромад менамояд.

Дар асоси таҳлилҳои боло метавон иброз намуд, ки ахлоқ ва ҳуқуқ дар алоқамандии зич қарор дошта, дар якҷоягӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Паст гардидани сатҳи ахлоқи ҷомеа, риоя нагардидани принсипи қонуният давлату миллатро ба буҳрон меорад.

Бо дарназардошти ақидаҳои гуногуни фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ ҳаминро зикр намудан ба маврид аст, ки заминаи ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ ин мавҷудияти тасаввуроти баланди ахлоқӣ мебошад.

Дар умум ахлоқ ва ҳуқуқ ҳамчун меъёрҳои иҷтимоӣ ҳамаи амалҳои ғайриинсониро маҳкум менамоянд. Мақсади асосии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ин баланд бардоштани маърифатнокӣ, ба воя расонидани шахси дорои хислатҳои хуби инсонӣ ва бунёди ҷомеаи солим ба ҳисоб меравад [74, с. 39].

Ҳуқуқшиносони маъруф доир ба ин нукта ҳам ишора мекунанд, ки арзишҳои ахлоқӣ ҳуқуқҳои инсонро таъмину ҳимоя менамоянд: «Инсондӯстӣ ҷараёни афкори ҷамъиятиест, ки дар даврони Эҳё пайдо шуда, арзишмандии ҳар як шахсияти инсониро таҳким бахшидааст ва чунин арзишҳои ахлоқиеро муайян кардааст, ки ҳуқуқҳои инсонро таъмин ва ҳимоя мекунанд: шаъну эътибор, вичдон, маънавият, озодӣ, баробарӣ, ҳамраъйӣ. Инсондӯстдорӣ, волоияти мақоми иҷтимоии инсон ва ҳимояи манфиатҳои вай ба пайдошавии худи категорияи «ҳуқуқҳои инсон» оварда расондааст. Даст кашидан аз ғояҳои гуманизм, инсондӯстдорӣ ба футурравию пошхурии олами ба инсоният маълум ва ҳамаи арзишҳои умумиинсонии ба он такякунанда оварда мерасонад» [16, с. 36].

Ин нукта ҳам лозим ба таъкид аст, ки он чи зикр шуд, агар ба таври умум алоқамандӣ ва таъсири байниҳамии меъёрҳои ахлоқ ва ҳуқуқро тазаккур медод, ҳамчунин, дар қонунгузориҳои байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида арзишҳои ахлоқӣ мақоми сазовор доранд, зеро заминаи ҳуқуқу қонун ахлоқ аст ва дар аксар ҳолат санадҳои қонунгузорӣ категорияҳои маънавиро инъикос мекунанд. Чунончи, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта шудааст, ки ҳамаи одамон соҳиби «ақл» ва «виҷдон» мебошанд ва нисбати якдигар бояд дар руҳияи «бародарона» рафтор намоянд. Дар Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак мафҳумҳои «хушбахтӣ» ва «муҳаббат» ҳастанд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам арзишҳои ахлоқӣ мавқеи устувор доранд, зеро тавре зикраш рафт, ҳуқуқҳои инсон ибтидои маънавӣ дошта, аз меъёрҳои ахлоқӣ бармеоянд ва баробари меъёрҳои ахлоқӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳам таҳким меёбанд.

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки меъёрҳои ахлоқ ва меъёрҳои ҳуқуқ дар ҳамбастагии мутақобила қарор доранд. Нуктаи муҳим ин аст, ки мафҳумҳои ахлоқ бо категорияҳои ҳуқуқӣ пайваст шуда, моҳияти аслии худро гум намекунанд, зеро ҳуқуқи инсон далели возеҳи он аст, ки ин соҳаҳо ҳамчун пурракунандаи ҳамдигар боқӣ мемонанд.

Ҳамкории ҳуқуқ ва ахлоқ ба он асос меёбад, ки ҳар дуи онҳо нисбати аъзои ҷомеа талаботҳои ягона пешниҳод мекунанд. Мақсади ҳуқуқ ва ахлоқ тарбияи маданияти ҳуқуқӣ ва маънавӣ аст. Ҳуқуқ ва ахлоқ ҷиноят ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкуниро маҳкум мекунанд. Онҳо шаҳрвандонро ба риояи қонунҳо даъват мекунанд. Барои иҷрои вазифаҳои худ ҳуқуқ ва ахлоқ ба ҳамдигар кӯмак мекунанд. Як қатор меъёрҳои ахлоқӣ дар қонунҳо ифода меёбанд. Бештари ҷиноятҳо дар ин маврид кирдори зиддиахлоқӣ мебошанд. Мақомоти судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноӣ (авбошӣ, куштори кӯдак аз ҷониби модар ва ғ.) меъёрҳои ахлоқиро низ ба инобат мегирад. Ахлоқ кирдорҳои зиддиҳуқуқиро маҳкум карда, барои ноил шудан ба мақсадҳои ниҳоии ҳуқуқ мусоидат мекунад [60, с. 162].

Ба назари мо, ин ҳамон ҳолатест, ки омилҳои ахлоқӣ бояд дар шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим дошта бошанд ва ҳамчунин, вобаста ба тақозои ҷомеа меъёрҳое, ки дар доираи ахлоқ танзим мешуданд, зарурат пеш омадааст, ки дар шакли меъёрҳои ҳуқуқӣ пешниҳоди ҷомеа гарданд.

Муҳаққиқон-ҳуқуқшиносон С.Ҳасанов ва М.Ҳасанов ҳам доир ба алоқамандии ҳуқуқ ва ахлоқ изҳори назар карда, иброз медоранд, ки

«ягонагии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ чун ягонагии меъёрҳои иҷтимоии ҷомеаи мутамаддин бо умумияти манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷамъият, пайравию ихлосмандии одамон ба идеалҳои озодию адолатмандӣ асоснок мешаванд» [66, с. 239].

Мо низ дар ҳамин мавқеъ ҳастем, ки ҳарчанд омилҳои этикӣ дар шаклгирӣ ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши асосӣ доранд, аммо мавҷуд будани худи меъёрҳои ахлоқӣ низ хеле муҳим аст, чун таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳад, ки дар сурати дуруст ташкил намудани механизми назорати иҷрои меъёрҳои ахлоқи касбӣ самараи он бештар аст. Муҳаққиқ В.Ворошилов низ ба он назар аст, ки «меъёрҳои ахлоқи касбӣ пурракунандаи низоми фаъолияти журналистӣ буда, таҳияи кодексҳои ахлоқи касбӣ бо мақсади кӯмак ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, ба ифодаи дигар пур кардани холигоҳе аст, ки аз қонунгузорӣ берун мондааст» [11, с. 354].

Дар **фасли дуюми боби сеюм «Меъёрҳои ахлоқии идораҳои воситаҳои ахбори омма ва вижагиҳои онҳо»**-ро мавриди баррасӣ қарор додем**.**

Меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар ҳар шакли мавҷудияти худ дар фаъолияти журналистӣ нақши муассир доранд. Инро таҷрибаи байналмилалии низоми худтанзимкунӣ, ки дар меҳвари он меъёрҳои ахлоқи касбӣ қарор доранд, собит намудааст.

Дар баробари он ки дар таҷрибаи ҷомеаи журналистӣ санадҳои сатҳи гуногун вобаста ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ ба назар мерасанд, ба назари муҳаққиқон ва мураттибони чунин аснод, ҳар яке аз онҳо дараҷаи муайяни таъсиргузории худро доранд.

Муҳаққиқи олмонӣ Н.Болтс чунин мешуморад, ки «васоити ахбори омма ҳамоҳангсозии иҷтимоии дурнамои ахлоқиро таъмин мекунанд, зеро василаҳои дигари таъсиргузори ҷамъиятӣ, ба монанди пул ва қудрат, аз лиҳози маънавӣ бетарафанд, яъне дурнамои ахлоқии иҷтимоиёт барои онҳо муҳим нест. Аз ин рӯ, васоити ахбори омма аз воситаҳои муҳимме ҳастанд, ки барои ташаккули афкори ахлоқӣ шароит фароҳам меоранд ва ҷомеаро на танҳо бо иттилооте, ки нооромию ташвиш меорад, балки бо иттилои бо риояи меъёрҳои ахлоқӣ таҳияшуда, ки ба суботу осоиштагӣ ҳидоят мекунад, таъмин мекунанд» [9, с. 17].

Ширкати пахши Би-Би-Си яке аз расонаҳои собиқадори байналмилалӣ ба шумор меравад, зеро солҳост, ки дар фазои иттилоотии олам мавқеъ дорад ва ба он зиёд истинод мешавад, аз ин рӯ, мо чун намунаи муваффақи таҳияи арзишҳои идоравӣ ба санади он таваҷҷуҳ мекунем.

Дар муқаддимаи санади мазкур, ки ҳамчун Арзишҳои идоравии (редаксионии) Би-Би-Си ном бурда мешавад, омадааст: Хадамоти ҷаҳонии Корпоратсияи телевизионии Британиё (Би-Би-Си) бо даҳҳо забон ба садҳо миллион шунавандагон ахбор пахш мекунад ва дар фаъолияти худ Оинномаи шоҳиро роҳнамо қарор дода, дар асоси он истиқлолияти комили худро аз давлат, ҳукумат ва тиҷорати хусусӣ изҳор мекунад. Ҳамаи кормандони Би-Би-Си, хоҳ дар пахши дохилии Британиё ва хоҳ дар хадамоти ҷаҳонӣ дар кори худ як Маҷмуаи қоидаҳоро мутаассифона на ҳамеша ҳамчун роҳнамо қабул мекунанд. «Ҳадафи мо ин аст, як пахшкунандаи созандае бошем, ки тамошобин ба мо эътимод дошта бошад, дар ҳоле ки қонеъ кардани ниёзҳои тамоми бинандаҳо - маълумот додан, фароғат бахшидан ба онҳо ва ғанӣ гардонидани ҳаёти бинандаҳо ва шунавандагон кори саҳле нест, зеро ин ҷо масъалаи имкон надодан ба густариши пахши тиҷоратӣ ба миён меояд, ки бояд таъмин шавад. Мо кӯшиш менамоем, ки мақсади ҷамъиятии худро ба роҳбарӣ гирем ва новобаста аз манфиатҳои касе амал намуда, ҳамеша аз меъёрҳои олии ахлоқӣ илҳом ҷӯем» [92].

Баъд аз он меъёрҳои ахлоқӣ, ки дар маҷмуъ, аз 12 банд иборат аст, дар алоҳидагӣ номбар шуда, шарҳ меёбад: дақиқ будани ахбор, , муаррифии софдилонаи «манзараи мукаммал» ба мардум, ягонагии таҳрир ва мустақилият, эҳтиром ба дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ, эҳтиром ба меъёрҳои «тамъи хуш» ва одоби инсонӣ, канорагирӣ аз тақлид ба рафтори зиддиҷамъиятӣ ва ҷиноятӣ, ҳифзи рифоҳи кӯдакон, ростқавлӣ нисбат ба мусоҳибон, эҳтироми гуногунии шунавандагон, вобаста набудан ба манфиатҳои тиҷоратӣ [92].

Аз ин санади расонаи байналмилалии Британияи Кабир, ки собиқаи бештар аз якасраи фаъолият ва бештар аз нисфи онро дар фазои иттилоотии олам дорад, бармеояд, ки риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ барои кормандони ин ширкат яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди фаъолият ба шумор меравад.

Бори аввал дар низоми матбуоти маҳаллии тоҷик оҷонсии иттилоотӣ ва таҳлилии «Варорӯд» 11 марти соли 2003 санади идоравӣ бо унвони «Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Варорӯд»-ро, ки аз 14 банд иборат аст, қабул намуд, ки риояи талаботи санади мазкур барои кормандони оҷонсӣ ва нашрияҳои он – «Варорӯд» ва «Ҳамсояҳо» ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт. Таъкиди риоя гардидани ин меъёрҳо аз ҷониби ҳайати эҷодӣ талаботи бандҳои якум ва дуюми санад буда, бандҳои дигари он ба самтҳои муҳимми фаъолияти журналистӣ ва ба эътибор гирифтани онҳо равона гардидааст [71, с. 140].

Санади ахлоқии агентии иттилоотии ҷаҳонии Рейтерро низ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Татбиқи кодекси мазкур чун раванди бомаром ба роҳ монда шудааст ва риояи он шуруъ аз директорон то кормандони муқаррарӣ тақозо мешавад. Нуктаи муҳим дар раванди татбиқ он аст, ки кормандон бояд на танҳо огоҳ бошанд ва қоидаҳоро риоя намоянд, балки барои саривақт хабар додан дар бораи риоя накардан ё вайрон кардани муқаррароти кодекси мазкур аз ҷониби дигар кормандон низ уҳдадоранд. Барои иҷрои ин уҳдадорӣ ширкат махфӣ ва номаълум мондани пешниҳодкунандаро кафолат медиҳад ва барои ин навъи хоси иртиботро ба роҳ мондааст.

Кодекси ахлоқии Рейтер чанд вижагии худро дорад, ки яке аз онҳо нигоҳдории сирри идора ҳатто баъди рафтан аз кор мебошад, ки ин ҳам ба назари мо, меъёри ахлоқист ва масъулони ин агентии маъруф низ ба ҷанбаи инсонии он такя намуда, аз кормандони худ чунин тақозоро кардаанд. Доир ба подош ва имтиёз низ дар муқоиса ба дигар аснод, санади Рейтер вижагии худро дорад, зеро дар як банди алоҳида дар кадом ҳолатҳо иҷозат будани туҳфа ва мукофотро мушаххас карда, махсусияташ дар он аст, ки хурд будан ва арзиши номиналӣ доштани туҳфаҳоро таъкид мекунад, ки ин ҳам ба назари мо, ба омили инсонӣ такя мекунад ва ё ба ифодаи дигар, меъёри ахлоқи инсонист.

Намунаи дигареро, ки мавриди баррасӣ қарор медиҳем, Кодекси ахлоқи касбӣ барои кормандони Гурӯҳи расонаҳои «Азия-Плюс» мебошад. Кодекси ахлоқии ин гурӯҳи расонаҳо чунин муқаддима дорад: Корманди «Азия-Плюс» ҳамеша вазифадор аст, ки дар асоси принсипҳои этикаи касбии дар кодекси мазкур муқарраршуда амал намояд, зеро риояи меъёрҳои он шарти ҳатмӣ барои кор дар Гурӯҳи расонаҳои Asia–Plus ба ҳисоб меравад [87].

Корманд танҳо маълумотеро паҳн мекунад ва шарҳ медиҳад, ки ба эътимоднокии онҳо боварии комил дорад ва сарчашмаи он ба ӯ маълум аст. Ӯ тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳад, ки нопурра будан ё нодурустии маълумот ба касе зарар нарасонад, инчунин, корманд бояд донад, ки дидаву дониста пинҳон кардани маълумоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок ё паҳн кардани маълумоти бардурӯғ кори нодуруст аст. Корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои касбии худ аз усулҳои ғайриқонунӣ ё номуносиби ба даст овардани маълумот истифода намебарад. Корманд ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои надодани маълумот ва ҷавоб надодан ба саволҳо эътироф ва эҳтиром менамояд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки уҳдадории пешниҳоди маълумотро қонун пешбинӣ кардааст. Корманд таҳрифи бадқасдонаи

далелҳо, туҳмат ё гирифтани пул барои паҳн кардани маълумотро қонуншикании ҷиддии касбӣ медонад; корманд набояд умуман бевосита ё бавосита ягон подош ё имтиёзро аз шахсони сеюм барои нашри мавод ва андешаҳо қабул кунад...

Маълум мешавад, аз вижагиҳои аслии санадҳои ахлоқии идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори омма ин мушаххастар будани онҳост, зеро махсус ба кормандони ҳамон расона равона гардида, дар бандҳои алоҳида ва дар мавридҳои зарурӣ таъкид мегардад, ки корманди идора меъёрҳои мазкурро дар меҳвари фаъолияти худ қарор медиҳад. Ба назари мо, ин вижагӣ аҳамиятнок аст, зеро санадҳои умумӣ танҳо ба касб ишора карда, ба таври умумӣ ухдадор мекунанд, дар ин маврид масъулият дучанд мегардад, зеро ин ҷо касб ва уҳдадории бевосита ба ҳам меоянд.

Дигар аз вижагии чунин санадҳо ҷузъи муҳимми тартиботи дохилиидоравӣ будани онҳост, ки ба назари мо, ин ҷанбаи муҳим раванди татбиқи меъёрҳои ахлоқиро беҳтар мегардонад ва боиси сифатан беҳтар гардидани кори ҳамон расона мешавад.

Вижагии дигари меъёрҳои ахлоқии идораҳои алоҳидаи ВАО боз дар он зоҳир мегардад, ки асоси фаъолияти дарозмуддат ва эътибори расона будани ахлоқ ва бо назардошти ин, зарурати риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва қоидаҳои тартиботи идоравӣ таъкид мегардад.

Ба назари мо, ҳамин омили муҳим – таъкиди зарурати риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ, ки аз марҳилаи умумӣ будан ба зинаи мушаххасӣ расидаанд, ин меъёрҳоро дар як сатҳ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор медиҳанд, зеро тавре аз баррасии ин аснод чунин натиҷа ҳосил шуд, ки ҳатмӣ будани риояи онҳо аз ҷониби кормандон таъкид мегардад. Тақозои замон ва боз ҳам муҳимтар гардидани меъёрҳои ахлоқӣ боиси он гардид, ки ин расонаҳо меъёрҳои ахлоқи касбиро дар шакли санади алоҳида қабул намоянд ва ба раванди татбиқи онҳо низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

**Боби чорум «Таносуби меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар журналистика»** буда, дар **фасли якуми он «Асосҳои назариявии алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ»** таҳқиқ шудааст.

Алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ яке аз масоили муҳим дар раванди баррасии онҳо ба шумор меравад, чун баррасиҳои умумии мо далели он аст, ки меъёрҳои мазкур махсусан дар замони муосир робитаҳои хеле наздик ва пайванд ба ҳамдигар доранд, аз ин рӯ, ҳарчанд дар илми ҳуқуқшиносӣ доир ба тафовут ва ҳатто ҳолатҳои мавҷуд будани ихтилоф байни онҳо низ сухан меравад, вале нуктаи

муҳим он аст, ки дар журналистика ин алоқамандӣ чун пурракунандаи ҳамдигар будани онҳо фаҳмида мешавад. Ба назари мо, ҳамин омил меҳвари аслии асосҳои назариявии алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика ба шумор меравад.

Муаллифони дастуре, ки доир ба моҳияти этикаи касбӣ ҳамчун илм маълумот додаанд, доир ба моҳият ва алоқамандию тафовути меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ чунин менависанд: «Ахлоқ ҳамчун истилоҳи илмӣ маҷмуи қоида, тартиботи муносибату муомилаи одамонро дар оила ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ифода мекунад. Ахлоқ дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, ҳамкорӣ, рафту омади сиёсӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфта, бо мурури замон рӯ ба инкишофу тағйир низ меоварад. Масъалаи асосии ахлоқ аз фаҳмиши некию бадӣ, адолату беадолатӣ, ҳаққу ноҳаққӣ иборат буда, мақсади асосии он идораи муносибати дуруст ва хайрхоҳонаи одамон нисбат ба ҳамдигар аст» [89].

Таҷрибаи даҳсолаи қаблии матбуоти мустақили тоҷик гувоҳи он аст, баъзе расонаҳо худро соҳибқудрат гумон карданд ва майдони расонаҳоро майдони худ донистанд, ки баъдан хатои маҳз будани ин амал собит гардид ва ин соҳибрасонаҳо низ эътироф карданд, ки амалашон дуруст набуд. Яъне, ин мафҳум духӯра аст; аз як тараф намешавад инкор кард, ки рӯзноманигорон ё расонаҳо соҳиби қудрат нестанд, чун расона худ қудрат аст, аммо ин ба он маъное нест, ки ин қудрат ба манфиати шахсӣ равона гардад, зеро ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кард, ки аз асли фаъолият дур гардидан ба фано мебарад.

Раиси созмони ғайридавлатии Media Wise Trust -и Британиё, Майк Ҷеймсон, ки бо таҷрибаи 35-солаи хабарнигорияш, ба журналистони Булғористон, Қирғизистон ва чанд кишвари Аврупои Шарқӣ дар таҳияи одобномаҳои касбӣ кӯмак кардааст, мегӯяд, оинҳои ахлоқӣ аз тарафи худи журналистон бо даъвати виҷдон ва покдастии онҳо, барои марзбандии нерӯи густардаи ҳукумати чаҳорум ва ба хотири дифоъ аз ҳуқуқи ҳирфаии онон таҳия мешаванд [91].

Ба назари муҳаққиқ Бялт ҳам, «танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳо ва қоидаҳои гуногун дорад, ки инсонҳо дар ҳаёт ва фаъолияти ҳамарӯзаи худ онҳоро ба инобат мегиранд ва дар байни меъёрҳои иҷтимоии гуногун меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, одат, анъана, меъёрҳои корпоративӣ ва монанди инҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки миёни ин ҳама танзимкунандагони иҷтимоӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳуқуқ ва ахлоқ мақоми хосса дода мешавад» [72, с. 13-16].

Аз ин назарҳо чунин бармеояд, ки агар дар яке дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳуқуқ бартарӣ дода шуда бошад, дар дигаре ин бартарӣ дар баробарӣ ба ҳуқуқ ва ахлоқ дода мешавад ва иброз мегардад, ки ин меъёрҳо дар ҷомеа мақоми хосса доранд.

Ба назари муҳаққиқ Д. Баҳромбеков, «ҷомеашиносон ҳам ҳуқуқро ҳамчун институти иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода, бар он ақидаанд, ки рисолати вазифавии ҳуқуқ ин танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ, роҳҳои баланд бардоштан ва самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ, ягонагӣ ва фарқияти танзимкунандагони ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Албатта, танзимнамоии иҷтимоӣ гуфта, дар илми ҷомеашиносӣ мақсаднок таъсир расонидан ба объекти иҷтимоӣ тавассути меъёрҳои иҷтимоӣ, амру фармон, ҳавасмандгардонӣ, ҳамоҳангсозӣ ва ташкили тартибот фаҳмида мешавад» [83].

Аз ин назар бармеояд, ки дар илми ҷомеашиносӣ низ ба масъалаи танзимнамоии пурраи муносибатҳои ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, ба саҳми ҳама меъёрҳои иҷтимоӣ баҳои арзанда дода мешавад.

Маълум аст, ки ахлоқ ва ҳуқуқ маъмулан як вазифаи танзимнамоиро иҷро менамоянд, аммо дар татбиқи ин вазифа байни онҳо фарқ ҳам ба назар мерасад. Ба назари ҷомеашиноси рус Е.В. Болшаков, «ахлоқ ва ҳуқуқ як вазифаи ҷамъиятиро иҷро мекунанд: онҳо муносибатҳои одамонро танзим менамоянд. Аммо роҳҳои танзими ахлоқию ҳуқуқӣ гуногунанд. Қонун рафтори одамонро тавассути маҷбуркунии давлатӣ - маъмурӣ танзим мекунад, дар ҳоле, ки ахлоқ на ба қудрати давлат, балки ба қудрати афкори ҷамъиятӣ такя мекунад» [8, с. 41].

Доираи бештари муносибатҳои иҷтимоие, ки ахлоқ танзим менамояд, аз муносибатҳои ғайрирасмии байнишахсӣ ва байнигурӯҳӣ бармеоянд ва ба иродаю хоҳиш, виҷдону масъулияти одамон ва афкори умум алоқаманд мебошанд. Риоя ва иҷро накардани талаботҳои меъёрҳои ахлоқӣ боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ намегардад. «Ба андешаи донишмандон, меъёрҳои ахлоқӣ ба олами ботинӣ ва маънавии одамон алоқаманд мебошанд. Файласуфи олмонӣ Ф.Гегел ин нуктаро хело дуруст шарҳ дода буд: Ҷаҳони ботинӣ ё маънавии инсон як соҳаи бечунучаро ва истисноии танзими ахлоқӣ мебошад» [83].

Барои мо ин нукта ҷолиб аст, ки ҷомеашиносон ахлоқро ҳамчун асоси маърифати ҳуқуқӣ мешиносанд ва ҳуқуқшиносон бошанд, маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеаро ба ҳайси унсури асосии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ муаррифӣ мекунанд [88].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои арзишмандеро баён мекунанд, ки ба назари мо, алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дар сатҳи воло баёнгаранд: «Ҷомеаи инсонӣ ба ҷуз қонун ва сохторҳои марбутаи идоракунии худ боз дорои маҷмӯи меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқие мебошад, ки рафтору муносибати аъзои онро ба низом медарорад. Агар қонунҳо ва меъёрҳои муайянкардаи онҳо ҳуқуқу озодиҳои одамонро дар ҷомеа ба танзим дароранд, меъёрҳои ахлоқӣ рафтори муносибати онҳоро нисбат ба ҳамдигар, оила, ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ муайян мекунанд ва ҳатто ба иҷрои қонуну шартномаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамоянд... Вобаста ба дараҷаи рушди ахлоқи ҷамъиятӣ дар бораи сатҳи пешрафти ин ё он халқу кишвар ҳукм рондан имкон дорад. Ҳар қадар дараҷаи ахлоқи ҷомеа баланд бошад, ба ҳамон андоза талаботи қонун дар он хубтар ҷорист. Инчунин, сатҳи болоравии ахлоқи ҷомеа ба устуворӣ ва мустаҳкамии давлат алоқаманд аст. Агар давлат пуриқтидору мустаҳкам ва дорои қонунҳои хубу ҷорӣ бошад, сатҳи ахлоқии ҷомеа низ метавонад баланд бошад ва баръакс заъфи давлат ба коҳиши ахлоқ дар ҷомеа оварда мерасонад» [86].

Ин андешаҳои Пешвои миллат, ки дар асоси баррасии афкори ахлоқии муассири Имоми Аъзам ҳосил шудааст, боз ҳам далели он аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ чун заминаи устуворе барои арзи ҳастӣ кардану устувор гардидани меъёрҳои ҳуқуқ дар ҷомеа мебошанд.

**Фасли дуюми боби чорум «Таҳлили таносубии риояи меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар ВАО-и тоҷик»** мебошад.

Риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ яке аз масоили муҳимми журналистикаи муосир ба шумор меравад, чун дар шароити шинохти бештари масъулият зарурати таваҷҷуҳи хос ба меъёрҳои мазкур ба миён омадааст, ҳарчанд таваҷҷуҳ ба ин меъёрҳо ҳамеша вуҷуд дошт, вале бо назардошти вазъи замон талабот бештар гардидааст.

Муаллифи мақолаи «Таҷрибаи худтанзимнамоии ВАО дар мисоли низоми миллии расонаҳои Британияи Кабир ва Олмон» ҳам менависад, ки имрӯз дар аксари мамолики Аврупо қоидаҳои умумии касбӣ ва ахлоқӣ барои ВАО вуҷуд доранд, ки бештар ба принсипи худтанзимкунӣ асос ёфта, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳатмӣ нестанд [76, с. 164].

Ба назари муҳаққиқ А. Панченко, риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқи касбӣ аз ҷониби рӯзноманигорон ба тиҷоратӣ ва сиёсӣ шудани ВАО боис шуда, инчунин, сабабгори коҳиши нуфузи хабарнигорон дар як қатор кишварҳо гардидааст: барои ҳалли ин мушкилот вақтҳои охир институтҳои худтанзимкунии ВАО фаъолона ташкил ва инкишоф меёбанд, чунки вазифаи имрӯза аз он иборат аст, ки бояд

ихтилофи байни озодии матбуот ва манфиатҳои молиявӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва тиҷоратию сиёсии ВАО бартараф карда шавад; шояд низоми худтанзимкунӣ ҳамроҳ бо муқаррароти муайяни ҳуқуқӣ ин мушкилотро ҳал кунад, чунки таҷриба нишон медиҳад, ки имкониятҳои онҳо барои иҷрои ин амал маҳдуд нестанд. Мушоҳида мекунем, ки норизоияти аудитория аз расонаҳо дар ҳама ҷо меафзояд. Дар чунин ҳолат зарурати таваҷҷуҳ ба низоми худтанзимкунӣ бештар мегардад. Дар Британия шарти асосии ташаккули институтҳои худтанзимкунии матбуот на танҳо мавҷудияти қонунгузории қатъӣ ва муассир, балки худшиносии ҷамъиятии сокинони кишвар буд [76, с. 164].

Ба назари мо низ ҳамин тавр аст, чун риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва муқаррароти қонунҳо боиси фаъолияти дарозмуддати воситаҳои ахбори омма мебошанд. Бо назардошти ин, бо мисолҳо аз воситаҳои ахбори омма вазъи риояи меъёрҳои ахлоқи касбиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Яке аз намунаҳои хуберо, ки доир ба баҳси судии вобаста ба ахлоқи касбӣ аст, баррасӣ менамоем: Додгоҳи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Мирзомуроди Бозор, хабарнигори рӯзномаи «Имрӯз-News»-ро сафед кард. Аммо ронандаи Тангемро гунаҳкор дониста, ба иҷрои корҳои ҳатмӣ муваззаф сохт. Парвандаро алайҳи ин ду нафар додгоҳи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар пайи шикояти як корманди «Воҳиди махсус»-и ВКД боз намуда буд. Ба иддаои вай журналисту ронанда дидаву дониста ӯро туҳмату таҳқир кардаанд. Қазия аз мақолае, ки дар рӯзномаи «Имрӯз-News» ба нашр расида буд, шуруъ гардид [90].

Дар мақола муаллиф баъди нақли ронандаи «Тангем» ба РБДА-и дар шаҳри Душанбе ва баъдан ба БДА-и ҷумҳурӣ тамос гирифтааст. Аз дафтари матбуотии ин ниҳод гуфтаанд, ки ронандае аз болои нозири роҳ ба онҳо шикоят бурд ва рақами сарисинагии ӯро гуфт. Раҳбари дафтари БДА гуфтааст, онҳо шахсияти нозирро муайян кардаанд, ки як масъули «Воҳиди махсус»-и ВКД будааст ва барои чораандешӣ ба раҳбарияти он дархост фиристодаанд.

Бегуноҳ эълом шудани хабарнигори «Имрӯз-News» дар панҷ соли охир намунаи ягонаест, ки журналист ҳукми сафед мегирад. Дар бештари маврид, вақте алайҳи хабарнигорон тибқи моддаҳои 135 ва 136-и Кодекси ҷиноӣ парванда боз мешавад дар ниҳоят ҷониби даъвогар аризаи шикоятии худро бозпас мегирад [90].

Ин намуна тавре дар оғози он ҳам зикр гардид, яке аз намунаҳои хуби баҳсҳои журналистӣ аст, ки то толори суд рафт ва натиҷааш ҳам

ба нафъи журналист анҷомид, ки ҳамон вақт аз ҷониби ҷомеаи журналистӣ низ ҳамчун «нахустин ҳукми сафед» дониста шуд ва як навъ бурди ҷомеаи журналистӣ низ дониста мешуд, чун то он замон чунин баҳсҳо вуҷуд доштанд ва рӯзноманигорон аз шикоятҳои на чандон асоснок изҳори норизоӣ мекарданд, зеро ин баҳсҳо баъди ба суд рафтан муддате дар мурофиа қарор мегирифтанд ва ин боис мегардид, ки раванди бомароми кори ҳамон журналист ё нашрия халалдор гардад.

Ин ҷо як нуктаи дигар шоистаи таъкид аст, баҳсҳои журналистӣ, ки то толори суд мерафт, асосан ба ду моддаи кодекси ҷиноятӣ рабт дошт; инҳо моддаҳои 135 (туҳмат) ва 136 (таҳқир) буданд ва дар аксар ҳолатро журналистонро бо ин ду модда гунаҳкор карда, ба суд мекашиданд. Ҷомеаи журналистӣ ин ҳолатро қабул надошт ва гуфта мешуд, ин моддаҳо бояд дар кодекси граждани бошанд.

Аз нигоҳи аввал, чунин даъвои ҷомеаи журналистӣ нодуруст менамояд, зеро аз нуктаи назари ахлоқ, ин дархост як навъ эътироф ба гуноҳи худ аст, яъне донистани он ки аз журналистон чунин хатоҳо сар мезанад ва ин пешниҳоду кӯшишҳо барои он аст, ки бояд дар сатҳи оддитар баррасӣ гардад.

Вале таваҷҷуҳи амиқ ба масъала нишон медиҳад, ки ин пешниҳодҳо дуруст буданд, зеро дар кодекси ҷиноятӣ мавҷуд будани ин моддаҳо ва баробари даъво боз гардидани парвандаи ҷиноятӣ як навъ фишор ва тарсонидани журналистон буд, чун бо даъвое, ки ҳатто метавонад асоси ҷиддие надошта бошад, бар зидди онҳо парванда кушода мешуд.

Муҳаққиқ И. Усмонов нуктаи муҳиммеро зикр мекунад, ки ба нақши боризи расонаҳо дар ҷомеа дахл дорад: «ба одоби воситаҳои ахбори омма бархӯрди мақомҳои расмӣ таъсир мерасонад: бархӯрди нарм ВАО-ро нармтар ва гармтар мекунад, бархӯрди ноандешона боиси сахтгӯиҳо шуда метавонад» [93].

Аз ин лиҳоз, метавон ба натиҷае расид, ки таносубан риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар сатҳи баробар қарор дорад; журналистон ба ҳама меъёрҳои соҳаи худ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, аммо баъзе нозукиҳои ҳуқуқиро сарфи назар мекунанд, ки чунин баҳсҳо ин ҷиҳатҳоро барояшон равшан менамояд ва имкон медиҳад, ки ба ин гуна ҷанбаҳои нозуки фаъолияти худ бештар таваҷҷуҳ намоянд.

**Боби панҷум «Зуҳуроти деонтологӣ чун идомаи мантиқии пайванди меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ»** ном дорад**. Фасли якуми ин боб «Падидаҳои деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик»** мебошад**.**

Ҷомеаи муосир, ки ба дигаргуниҳои куллӣ рӯ ба рӯст, дар ҳама соҳаҳо ҳамин ҳолатро ба вуҷуд овардааст. Дар журналистика ин ҳолат ошнотар аст, зеро пешрафти технологӣ ва вусъати интернет зарурати тағйироти ҷиддӣ дар фаъолияти касбӣ ва пайдо гардидани мафҳумҳои нав, истифодаи дурусту воқеии онҳо дар назария ва амалияро барвақттар ба вуҷуд оварда буд. Аз ин ҷост, мафҳумҳои наве дар журналистика ба вуҷуд омаданд, ки ҳадаф аз онҳо мувофиқат намудан ба шароити муосири ҷомеа ва ҷавобгӯ гардидан ба талаботи аудитория аст, зеро зуҳури интернет ва истифодаи оммавии он вазъи фаъолияти журналистиро мураккабтар гардонидааст.

Дар ин радиф, таваҷҷуҳи бештар ба мафҳуми деонтология дар журналистика низ аз ҷумлаи чунин иқдомҳост. Ҳарчанд ин мафҳум дар журналистика нав нест: «таърихи деонтологияи журналистика аз Ломоносов шурӯъ мешавад, зеро ӯ дар миёнаҳои асри XVIII маҷмуи меъёрҳои ахлоқиро барои журналистон таҳия намуда буд, ҳанӯз дар замоне, ки деонтология ҳамчун мафҳуми алоҳида мавҷуд набуд» [70, с. 9].

Деонтологияро ҳамчун истилоҳи ифодакунандаи назарияи ахлоқ дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX файласуфи англис Иеремий Бентам пешниҳод кардааст. Ин мафҳум бори аввал аз ҷониби ӯ мавриди истифода қарор гирифт.

Деонтология мафҳумест, ки ба дигар соҳаҳо низ алоқаманд аст, аз ҷумла, тиб, ҳуқуқ ва монанди инҳо. «Деонтологияи тиббӣ масъалаҳои махфӣ доштани сирри касбии духтурон, инчунин қонунҳоеро дарбар мегирад, ки дар асоси онҳо ҳангоми нодуруст табобат кардан ё бар зарари саломатии беморон амал намудан духтурон ба ҷавобгарӣ кашида хоҳанд шуд» [46, с. 13].

Муҳаққиқ Е.П.Прохоров деонтологияи журналистикаро чунин шарҳ медиҳад: «маҷмуи вазифаҳои журналистӣ, масъулият, меъёрҳои муайян ва риояи онҳо дар ҳама ҳолат, новобаста аз огоҳ будан аз моҳияти онҳо, ки чун низоми рафтори журналистӣ дар идораҳои ВАО қабул шудааст» [49, с. 296].

Б.Н. Лозовский, профессори Донишгоҳи давлатии Урал деонтологияи журналистикаро ҳамчун системаи «талабот, меъёр, принсипҳои касбии фаъолияти журналистӣ, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии кормандони воситаҳои ахбори омма» маънидод мекунад. Ба назари профессор А.А. Князев, «деонтология – ин қисми этика мебошад ва масъалаҳои вазифаву масъулияти журналист, принсипҳои ахлоқии рафтори журналистро баррасӣ менамояд» [70, с. 11].

Муҳаққиқони тоҷик М.А. Абдуллозода ва А.Н. Нуралиев иброз медоранд, ки ин мафҳумҳо мазмуни ягонаро ифода мекунанд, мафҳуми луғавии деонтологияро мукаммал мегардонанд, яъне, ин маъниро пурра месозанд, ки дар фаҳмиши деонтология мафҳумҳои масъулият, этика, ахлоқ, меъёр калидӣ ҳастанд. Баъдан аз нуктаи назари интиқодии муҳаққиқ Л.А. Винская ёдовар мешаванд, ки ӯ мегӯяд, «деонтология бояд дар сатҳи зарурӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, ҳамчун фанни алоҳида ба низоми дарсҳои журналистӣ ворид шавад, зеро деонтология системаи донишҳоест, ки робитаи мутақобилаи миёни инсонҳоро дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ фаро мегирад ва ин ҳақиқати бебаҳс аст, ки ҷомеаи журналистӣ ба унсурҳои худтанзимнамоӣ ҳамеша ниёз дорад» [70, с. 13].

Муҳаққиқ С.Гулов менависад, ки «дар фаъолияти ҳаррӯзаи журналистон мо ҳар лаҳза ба муаммоҳои ҳуқуқӣ ва бештар этикӣ рӯ ба рӯ мешавем. Дар ҷараёни фаъолияти худ журналистон вазифадоранд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ва этикиро риоя кунанд. Меъёрҳои ҳуқуқиро қонунгузориҳо муайян ва танзим мекунанд, аммо дар хусуси меъёрҳои этикиву ахлоқии фаъолияти журналистӣ андешаҳо гуногун ва ҳатто баъзан хилофи якдигаранд. Бо вуҷуди ин, аксарият меъёр ва принсипҳои ахлоқии фаъолияти журналистиро эътироф карда, онҳоро ҳатмӣ медонанд» [73, с. 259].

Аз ин нуктаи назар ҳам ба натиҷае расидан мумкин аст, ки таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика яке аз мавзуъҳои муҳиммест, ки ҳамчун мавзуи алоҳида дар деонтологияи журналистика баррасӣ мешавад. Фарқ накардани меъёри ахлоқ аз ҳуқуқ ва ё махсус алоқаманд донистани онҳо, бо ҳам дар ҳоли бархӯрд қарор додани ин меъёрҳо аз падидаҳои деонтология дар журналистика мебошанд.

Дар **фасли дуюми боби панҷум «Ҷанбаъҳои амалии равобити меъёрҳои этикию ҳуқуқӣ»** баррасӣ шудааст.

16 декабри соли 2022 ҳафтаномаи «Пайк» дар саҳифаи фейсбукии худ зери унвони «Дар хобгоҳи ДДК (Донишгоҳи давлатии Кӯлоб) шабона чӣ ҳодиса мегузарад?» матлабе нашр кард, ки ба вокунишҳои шадиди касбӣ дучор шуд. Дар ин матлаб асосан сухан атрофи вохӯрии ноиби ректор оид ба тарбия бо волидони донишҷӯёне буд, ки фарзандонашон дар хобгоҳи донишгоҳ зиндагӣ мекунанд.

Ин матлаб фавран аз ҷониби корбарони шабакаи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, рӯзноманигор Ҷ. Рустамшоҳ дар матлабе зери унвони «Аз барои кайк пӯстинро намесӯзонанд» онро таҳлил намуда, менависад, ки ба назари ман, 6 банди

«Меъёрҳо...» (намунаи соли 2009) сарфи назар шудааст. Ӯ ҳамчунин, менависад, «мардуми оддӣ, ки аслан аз касбияти журналистика бехабаранд, ҳарфҳое гуфтанд, ки ҳеҷ ба гуфтан рост намеояд» [81].

Дар ин матлаб ӯ ҳамчунин, аз нуктаи назари «мутахассисони касбӣ» ёдовар мешавад, ки ин матлабро ғайриҳирфавӣ хондаанд. Масалан, Ҳ. Ализода, рӯзноманигори собиқадор навиштааст, ки «барои як ё ду намуна кӣ ба журналист ҳуқуқ додааст, ки ахлоқи ҳама духтарони донишҷӯро зери суол бибарад? Оё ин муаллифи тезқалам ё ҳангомаҷӯ фикр намекунад, ки барои духтарон, хоса барои духтарони маҳал латма задан ба шаънашон чӣ паёмаде дорад?

С. Маҳдӣ, номзади илмҳои филологӣ навиштааст, ки ҳамзамон дар ин масъала ман фикри худро мегӯям, ки ҷонишини ректор оид ба тарбия дар маҷлиси дохилии донишгоҳ масъалаҳои тарбиявӣ, ки бештар хусусияти шахсӣ (обрӯи духтар) доранд, матраҳ кардааст. Мухбири муҳтарам аз рӯи этикаи журналистӣ набояд ин масъалаҳоро расонаӣ - оммавӣ мекард ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мекард! Афшин Муқим навиштааст, ки «ончи ноиби ректор дар як ҷаласаи маҳдуд гуфтааст, ба падару модарон рабт дорад, аз ин рӯ, набояд расонаӣ мешуд. Ин гапе нест, ки ба умеди як матлаб ба иззати нафси донишҷӯдухтарон расем» [81].

Воқеан ҳам, чунин бархӯрди муносибу саривақтии касбӣ боис гардид, ки ин матлаб аз саҳифаи фейсбукии ҳафтанома бардошта шавад. Ин матлаб бори дигар собит менамояд, ки масъалаҳои ахлоқӣ масъалаҳои ҷузъӣ нестанд, бо онҳо сарсарӣ муносибат кардан мумкин нест, зеро масъалаи тақдирсоз ба шумор мераванд.

Дар мисоли ҳамин матлаб ба таври возеҳ мебинем, ки то кадом андоза марзи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ муайян мешавад.

Баррасии этика ва ҳуқуқ ҳамин лаҳзаи ҳассос ва тафовути куллиро нишон медиҳад, ки инъикоси як рӯйдод метавонад аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳеҷ мушкиле надошта бошад, аммо оқибатҳои ногувору ҳатто тасаввурнашавандаи ахлоқӣ дошта бошад, аз ин рӯ, ин муҳиммият ва нозукиҳо ҳангоми фаъолият бояд ҳамеша дар мадди назар бошад.

Муҳаққиқ М. Муродов менависад, ки «...авомили ҳуқуқӣ раванди фаъолиятро ба манфиати шахси эҷодкор самт бахшида, ӯро ба мустақилияти эҷодӣ ва масъулияти касбӣ водор менамояд. Ба ин маънӣ, раванди эҷод, хоса ҷараёни фаъолияти эҷоди журналистиро бидуни ҷанбаъҳои ҳуқуқӣ ва донистану риоя намудани онҳо наметавон тасаввур кард» [75, с. 13].

Муҳаққиқ Г. Лазутина дар посух ба суоли он ки оё дар наворҳое, ки тавассути интернет паҳн мешаванд, меъёрҳои ахлоқи касбии

журналист бояд риоя шаванд ё на, менависад: масъалаҳои ихтилофии ахлоқии муосирро аксар ҳолат бо ҳамин сабаб таҳлил кардан душвор аст, ки меъёри арзёбии онҳо дигаргуна аст; меъёри арзёбии маводи матбуот меъёрҳои одоби касбии рӯзноманигор аст, аммо имкониятҳои технологии инқилоби рақамӣ майдони паҳнсозиро тавассути Интернет барои ҳама нуктаҳои назар, аз нигоҳи ҳадаф ва мазмун аз ҳам тафовути куллӣ доранд, фароҳам сохтааст. Аз ин ҷост, ки Интернет пур аз матлаб аст ва бисёре аз онҳо хатарноканд, зеро онҳо метавонанд тасаввуроти ҷомеаро дар бораи ҳодисаҳои рухдода ба самти нодуруст баранд.

Мо ҳам ба ин назар мувофиқем, ки риояи меъёрҳои мушаххаси ахлоқӣ дар фазои боз барои ҳама муҳим аст: ҳам барои муаллифони матнҳои ҳаваскор ва ҳам барои аудиторияе, ки ба муҳокимаи онҳо мебароянд ва ҳам барои тамоми ҷомеа, чунки ҷомеа бояд аз хатари гумроҳшавӣ ҳифз карда шавад; барои ин зарур аст, ки муҳити интернет доир ба манфиатҳои умумӣ андеша намояд. Имрӯз ба ин нуктаи муҳим таваҷҷуҳи хос мебояд.

## ХУЛОСА

Дар баробари пешрафтҳои бесобиқае, ки инсоният дар самти илму фановарӣ ба онҳо ноил шудааст, барои ташаккули маънавии шахсияти инсон низ ҳамеша зарурате вуҷуд дорад, ки иқдомҳое дар ҳамин сатҳу дараҷа амалӣ карда шаванд. Мо ҳам ба ин нуктаи назари маъмул мувофиқем, ки ҷанбаҳои маънавӣ барои комилтар шудани шахсияти инсон бештар аз сарватҳои моддӣ аҳамият доранд, зеро ниёзҳои маънавии инсон бештар аз талаботи моддии ӯст. Аз назари мо, иқдоми бузурге, ки барои ташаккули инсон аз лиҳози маънавӣ мусоидат мекунад, таваҷҷуҳи хос ба ахлоқи инсон аст, зеро ахлоқ заминаи дурусти дарку азхудкунии дигар илму донишҳо мебошад ва маънавиёти инсонро ба самти дуруст роҳнамоӣ мекунад.

Вижагиҳои ба худ хоси ҳар як инсон заминаи зиндагии иҷтимоии ӯро фароҳам мекунанд ва дар асоси ҳамин махсусиятҳо дарки робитаи пойдор ва имкони эътимод ба дигарон - ахлоқ имконпазир мегардад ва ҳамин аст, инсон бо ғаризаи зотии худ эҳсос мекунад, ки ахлоқ ин тарзи андеша ва кирдори осеб нарасонидан ба худ ва дигарон аст. Таъбири ниёгони мо «ахлоқ – қонуни нонавишта ва қонун – ахлоқи дарҷёфта» ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад, чун дар зиндагӣ арзишҳое ҳастанд, ки эътирофу эҳтиром ва риояи онҳо сабаби давоми ҳастӣ мегардад.

Пайгирӣ ва баррасиҳо вобаста ба ташаккули меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистика ва рӯзноманигории тоҷик ба мо имкон доданд, ки ба чунин натиҷаҳо расем:

1. Масъалаи меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти журналистӣ новобаста аз муҳиту замон ва шаклу равияи матбуот вуҷуд доштаву боқӣ мемонад, чун таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки масъалаи одоби касбӣ дар журналистика дар шароити ба вуҷуд омадани озодии баён боз ҳам возеҳтар гардидааст. Ҳамчун мафҳум озодӣ мафҳуми муқаддас дониста мешавад ва хеле васеъ, доманадор низ мебошад, махсусан, дар сохтори демократии ҷомеа фарохии он равшантар эҳсос мегардад. Он имкониятҳо медиҳад, вале дар ин баробар масъулият дорад. Баъзан фаромӯш гардидани масъулият боиси сӯиистифодаи озодӣ мегардад; фаҳмиши он низ дар аксар ҳолат нодуруст сурат мегирад, ки такя ба он боиси нофаҳмиҳо мегардад [4-М; 5-М].

2. Қазияи маҷаллаи ҳаҷвии «Шарли Эбдо»-и Фаронса ҳарчанд ба экстремизм алоқаманд аст, аммо нишон медиҳад, ки фаҳмиши нодурусти озодии сухан чӣ гуна оқибатеро метавонад ба дунбол дошта бошад. Дар кишвари мо низ чунин фаҳмиши нодуруст бо мақсади маҳкум намудани террористон сурат гирифт; амали ҳаҷвнигорони фаронсавӣ имтиҳони дигарандешии мазҳабӣ унвон гардид, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар доираи озодии баён намеғунҷад, зеро озодӣ ин пеш аз ҳама, масъулият унвон гардидааст; агар чунин амал озодӣ бошад, пас ин худ таҳқири озодӣ аст. Ба назари мо, таҳқир, табъиз ҳеҷ гоҳ нишони озодӣ ва озодии баён нест. Гирдиҳамоиҳои мухталифи вобаста ба ин қазия гувоҳи онанд, ки осон аз даст додани арзишҳо чӣ оқибатеро дар пай доранд; солимӣ ва устувории инсон бар пояи эътиқод, бовар ва эҳтиром қоил будан ба арзишҳои асили умумибашарӣ ва махсусиятҳои миллӣ пойдор аст [6-М; 7-М].

3. Мо бо масъалаи озодӣ, озодии сухан муфассал муносибат доштем, аз нигоҳи муҳаққиқон мафҳуму моҳияташро шарҳ додем, зеро моҳияти мавзуъ ба он сахт пайванд аст ва ба он натиҷа расидем, озодии баёне, ки имрӯз дар ҷомеаи демократӣ таблиғ мешавад, зарурати риояи дучанди ахлоқро тақозо мекунад. Дар робита ба ин, як нуктаи аз назари худ муҳимро таъкид намудем, ки ба масъулияти озодии сухан вобаста аст. Дар тамаддуну адабиёти мо ба сухан ҳамчун мафҳуми муқаддас муносибат мешавад ва аз ҳамин ҷост, ки ба поку азиз будани он, масъулияти бузург доштани суханвар таъкид мегардад; ифодаҳои маъмулу машҳури қадимӣ, ба монанди сухан аз арши барин баҳри покон ба замин омадааст, беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст, сухани хуш ҳаёти ҷону тан аст, сухан

дониста гӯй, то дӯстро душман нагардонӣ, сухани хуб морро аз лонааш мебарорад, гуфтори беҳуда набояд бошад, магӯ нохуш, ки посух нохуш ояд, сухан бисёр дону андаке гӯй ва монанди инҳо аз фармудаҳои бузургворонае ҳастанд, ки ба муқаддас будан ва масъулияти бузург доштани суханварӣ таъкид менамоянд. Инчунин, натиҷае ҳосил шуд, ки дар шароити таблиғи озодии сухан ва ҷомеаи демократӣ низ ин фармудаҳо боз ҳам муҳиммияти худро нигоҳ медоранд, зеро дар онҳо на маҳдудият, балки масъулият барои сухан иброз мегардад ва таваҷҷуҳ ба онҳо дар рӯзноманигории муосир муҳим аст [7-М; 9-М; 10-М].

4. Таблиғи нодурусти озодӣ аз ҷониби гурӯҳҳои муайяни манфиатхоҳ боиси фаҳмишҳои нодуруст мегардад. Масалан, костагии мақоми зан дар ҷомеа, бо баҳонаи озодӣ, бо сӯиистифода аз рағбати инсонӣ занро ба ашё табдил додан (чун дар аксар кишварҳо дигар ба зан ҳамчун олиҳаи зебой, офарандаи волотарин эҳсосу нафосат, иффату назокат, орзуҳои ширин на, балки чун «мавҷудоти бемағзи ҷаззобияти зоҳирӣ»-дошта муносибат мекунанд. Зиёда аз ин, ҳатто бетаваҷҷуҳӣ ба чун ашё будани зан далели нафратовари расман иҷозат дода шудани ҳамҷинсгарой аст, ки ҳолати ба таври сунъӣ ба фасоди ахлоқӣ ва вартаи нобудӣ кашонидани инсоният мебошад). Ин амал нишони аз раванди табиии рушд берун кардани ҷомеаи инсонӣ аст; чун инсон табиатан на ба ин, балки ба оне ки гуфтем, ниёзманд аст. Дар кишварҳои аврупоие чун Олмону Фаронса раванди гароиши бештар ба арзишҳои умумиинсонӣ, ки асосан бар меъёрҳои ахлоқи инсонӣ такя мекунанд, гувоҳи он аст, ки занони бошуур кӯшиши дарёфти мақоми аслӣ ва шоиставу сазовори худро доранд. Ин нукта ҳам пӯшида нест, ки талошҳои бадномсозӣ ва поймолкунии арзишҳои аслию табиии инсон низ ҳадафмандона сурат мегирад, то ба инсон барои инсонвор зиндагӣ кардан халал расонида шавад; ин нукта муҳим аст, ки ба мазмуни мутлақ таблиғ гардидани озодӣ нишони мавҷуд набудани он мебошад [19-М; 21-М; 23-М].

5. Бахши дигари кори мо ба меъёрҳои ҳуқуқии умумӣ ва соҳаи журналистика алоқаманд аст. Дар ин робита ба ин нуктаи назар, ки мегӯяд, тамоми қонунҳо ва созишномаҳои ҷамъиятӣ барои он ҳам ба иҷро мерасанд, ки бар усули ахлоқӣ бино шудаанд, таваҷҷуҳ намуда, аз нигоҳи худ онро муҳим шуморидем; ба масъалаи пайдоиш, ташаккул ва алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намуда, умумият ва тафовути онҳоро низ аз нигоҳи муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор додем. Хулосаи мо аз ин баррасиҳо он аст, ки ин мафҳумҳо дар маҷмуъ, барои ҷомеаи инсонӣ ва махсусан, дар

журналистика заминаҳои бавуҷудоӣ ва ташаккули худро дошта, чун ниёзи табиӣ зуҳур кардаанд; яъне дар ҳоле мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки буданашон эҳтиёҷ пайдо шуд ва он ба таври иҷбор набуд, балки барои ҳифзи асолати касбӣ ва пешрафту ташаккули касб арзи вуҷуд кардаанд [8-М;12-М; 18-М; 26-М; 27-М].

6. Аз таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика, масъалаҳои илмиву назариявии шинохти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистика, зарурат ва аҳамияти меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар фаъолияти журналистӣ, раванди қабули асноди расмӣ доир ба меъёрҳои этикӣ ва ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик маълум гардид, ки дар ҳама баррасиҳои назариявӣ ба муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳам ҳуқуқӣ авлавият дода мешавад ва онҳо дар меҳвари андешаҳо қарор мегиранд. Баррасии назарияҳо собит менамояд, ки моҳияти меъёрҳои мазкурро дар маҷмуъ, манфиати ҷомеа ташкил медиҳад, аз ин рӯ, муносибат ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва ҳуқуқии соҳа чун ҷузъи муҳимтарини фаъолият ба эътибор гирифта мешавад, чун дарк гардидааст, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ василаи муҳимми ҳимояи шаъну шараф ва мақому эътибори журналистону дигар қишрҳои ҷомеа мебошанд; дар ҳама баррасиҳои муҳаққиқон иброз мегардад, меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳз барои он шакл гирифтаву низом пайдо мекунанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ таъмин гардида, ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои ҷомеа ҳифз карда шавад; ин маънӣ дар журналистика низ ба таври хоси худ зуҳур карда, ташаккул меёбад [8-М; 9-М; 12-М; 14-М].

7. Натиҷаи баррасии раванди қабули асноди расмӣ оид ба меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик ҳамин аст, ки он як раванди мунтазам ва бо мурури замон тағйирпазиру давомдор мебошад, ки дар аксар ҳолат ба самти мувофиқ равона буда, пазироӣ ва ҷараёни татбиқашон натиҷаҳои назаррас ҳам дорад; дар ин баррасиҳо ин натиҷа ҳам ҳосил шуд, ки қабули асноди расмии ахлоқӣ бо мақсади ҳимояи озодии матбуот сурат гирифтааст, зеро эътироф шудааст, ки вақте ба воситаҳои ахбор озодии сухан ба таври конститутсионӣ кафолат дода мешавад, вале он ба таври бояд эҳсос намегардад, яъне агар ВАО худро танзим карда натавонист, пас воситаи дигаре лозим мешавад, ки онро пурра идора намояд ва дар ин сурат мустақилият, ин шарти муҳимтарини фаъолияти касбии журналист аз байн меравад [8-М; 26-М].

8. Баррасии омилҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ дар воситаҳои ахбори оммаи мамлакат, таъсири омилҳои ахлоқӣ дар шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҳқиқи

ҳамбастагии ҷараёни муносибатҳо бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таърихи кӯшишҳои худтанзимкунӣ дар Тоҷикистон маълум намуд, ки кишвари соҳибистиқлоли мо низ дар ин самт ҳамқадами ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ будан мехоҳад, барои ин кӯшишҳо ҳам сурат гирифтаанд, вале ҷараёни мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ин кӯшишҳо чандон муваффақ набуданд, ки ин сабабҳои худро дорад. Ба назари мо, кӯшиши муваффақонае, ки бо қабули санади алоҳида - Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон ва ташкили механизми назорати иҷрои он - таъсиси ташкилоти ҷамъиятии Шурои ВАО-и Тоҷикистон анҷомид, ҳануз нишони дарки аслу моҳияти масъала набошад ҳам, вале фаъолияти Шуро давоми солҳои мавҷудият гувоҳи он аст, ки агар он дар доираи низомнома ва оинномаи худ амал намояд, муваффақ буда метавонад [1-М; 2-М; 3-М; 4-М].

9. Натиҷаи баррасиҳо нишон медиҳад, ки воситаҳои ахбори омма, махсусан, матбуоти мустақил ба василаи худтанзимкуние ниёз доранд, зеро мушкилоти зиёде дар ҷомеаи журналистӣ вуҷуд дорад. Барои аз миён бурдани мушкилот, барои муайян кардани сабабҳои объективию субъективии ихтилофоти дохилӣ ва талош барои ба ҳам омадани онҳо (журналистон) сохторе зарур аст, ки воқеан мустақил ва ҳадафаш рушди журналистикаи миллӣ бошад. Шурои ВАО ба сифати чунин сохтор шинохта мешавад ва месазад, ки ба ҳадафи олии худ содиқ бошад. Сатҳи муносибатҳо бо гузашти солҳо нишон медиҳад, ки ба моҳияти аслӣ расидан мумкин аст, зеро дар замони сармоядорӣ ва рақобат барои ба даст овардани маблағи бештар расонаҳоро баъзан душмани ҳам мегардонад; ҳолатҳои паст задани шаъну шараф ва таҳқир зиёд ба назар мерасад. Дар чунин вазъият ягона воситаи муттаҳидӣ ниҳоди ахлоқӣ буда метавонад, чун барои ҳимояи шаъну шараф ва эътибори касбӣ мусоидат мекунад [9-М; 11-М; 13-М].

10. Баррасии раванди ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ моро ба хулосае расонид, ки риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ омили муайянкунандаи ҳақиқатнигорӣ ва бетарафии касбӣ аст; ҳақиқат масъалаи муҳимтарине дар ҳаёти инсон аст, ки онро мо аз нигоҳи муҳаққиқон баррасӣ намудем, вале дар маҷмуъ, дар фаҳмиши ом он мазмуни адолат, баробарӣ, ҳамдилӣ, ягонагӣ ва осоиштагиро дорад. Дар фаъолияти журналистон мо онро дар инъикоси беғаразонаву бетарафонаи воқеияти рӯйдодҳои ҷомеа мебинем, ки ҳолатҳои таҳрифи он зиёд ба назар мерасад. Замони муосир асри иттилоот ном гирифтааст ва «ҷанги иттилоотӣ» истилоҳи маъруфе дар муборизаҳои сиёсӣ ва бозиҳои глобалӣ дониста мешавад; масали маъруфи «ҳақиқат

қурбонии аввалини ҳама гуна ҷанг аст» ба фаъолияти журналистон робитаи бевосита дорад. Муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ маҳз дар чунин ҳолат арзи ҳастӣ мекунад, ки воситаҳои ахбор набояд силоҳ бошанд. Тавассути воситаҳои ахбор тафаккури оммаро бозӣ дорондан ҳадафи абарқудратҳост, вале масъалаи муҳим он аст, ки бо дарки мубрамияти меъёрҳои ахлоқ аз воситаи амаликунанда будан бояд даст кашид [19-М; 20-М; 21-М; 25-М].

11. Таъмини инсон бо ахбори аз меъёр зиёд ба вайроншавии мувозинат дар фаъолияти фикрӣ оварда мерасонад ва ба пайдоиши шаклҳои гуногуни бемориҳои рӯҳӣ низ иртибот дошта метавонад; чунин ҳолат вайрон кардани низому суботи ҳаёти инсонӣ аст. Баррасиҳо гувоҳи онанд, ки раванди берун омадан аз чунин ҳолатҳо ба назар мерасад; таваҷҷуҳ ба меъёрҳои ахлоқӣ, ҳангоми риоя нагардидани онҳо ҷиддӣ муносибат кардан бо гунаҳкорон гувоҳи аз даст надодани рисолати аслӣ дар ҷомеа аст. Аз ҷониби дигар, риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ нишони ҳимояи рисолат ва шарафи касбӣ аст, чун дар замони муосир имкони бештари интихоби иттилоъ доштан ғаризаи зотии инсонро ба ҳаракат даровардааст; майнаи сари инсон қудрат дорад, ки дар асоси сарчашмаҳои зиёд ва муқоисаи онҳо ҳақиқатро дарёбад, ин аст, ки омили муҳимми эътимоднокӣ риояи меъёрҳои ахлоқӣ дониста мешавад; чун дар расонае, ки инъикоси аслии воқеият ба назар расид, таваҷҷуҳ ба он бештар мегардад [6-М; 7-М; 17-М].

12. Як андешаи маъмули дигар дар рӯзноманигории байналмилалии муосир вуҷуд дорад, ки фарқ гузоштан миёни таблиғгар ва хабарнигорро иброз медорад, чун хабарнигор аз одоби касбӣ наметавонад ҷудо бошад; чунин тафриқагузорӣ, ки барои таблиғгар одоберо қоил нест, ҳолати хатарноке дорад; вақте таблиғгар дар симои хабарнигор - журналист намудор гардида, арзишҳои касбии ӯро сарфи назар мекунад. Журналистика бояд аз чунин хатарҳо дур қарор гирад, то бадном нагардад. Дар ин раванд ҳолати нигаронкунандаи журналистикаи тоҷик хислати косибӣ касб кардани он аст, ки моҳият, мавқеъ ва нуфузи иҷтимоии журналистикаро аз миён мебарад; ақидаҳое, ки дар пай ҳадафи журналистикаро ба сатҳи косибӣ расонидан доранд, хатаре ба соҳа ҳастанд. Журналистика илм аст ва онро бояд омӯхт, чун омӯзиши таҷриба, фаъолияти бевосита (амалия) монеаи аслии мустақилияти касбӣ мегардад, чун даҳҳо ҳақоиқ ва воқеаи шабеҳ тақозо мекунад эътироф намоем беҳтарин «соҳибистеъдод», ки назарияи касби худро намедонад, косиб аст ва дар ҳалли воқеаи андаке душвор лолу ноилоҷ мемонад, раҳгум

мезанад ва ба ин васила хонандагонашро ба роҳи ғалат мебарад. Пайомади ногувори косибӣ аз нигоҳи ахлоқӣ дар он ифода меёбад, ки яке аз залилатҳои он ба бузургманишӣ расондан аст. Зарурати таҳсилоти журналистиро он меъёри ахлоқӣ тақвият мебахшад, ки соҳибкасб ба касби хеш эҳтиром дорад ва онро азиз медорад; дар чунин ҳолат муносибати байни ҳамкасбон низ на чун бегонагон, балки самимона ва боэҳтиром сурат мегирад; нафаре, ки аз назарияи касб бохабар аст, рӯҳи журналистӣ дорад ва он барояш манбаъ ва маънии зиндагӣ аст, соҳибистеъдодҳои дигар журналистикаро чун ҷаҳишгоҳе барои маъруфият ва шинохташавӣ истифода кардан мехоҳанд; дар чунин ҳолат мавқеи иҷтимоӣ ва шарафу эътибори касбӣ коста мегардад [1-М; 2-М; 16-М; 22-М; 24-М].

13. Масъалаи муҳими дигари журналистикаи муосир, ки дар аксар санадҳои ахлоқӣ ба он таваҷҷуҳ мешавад, риояи принсипи бетарафии журналист аст; ин масъала нозук мебошад, чун журналистро ба диллема рӯ ба рӯ месозад. Аз натиҷаи таҳқиқи мо бармеояд, танҳо андеша сари меъёрҳои ахлоқ метавонад интихоби роҳи дуруст бошад, чун виҷдон, ки қарори ахлоқӣ мебарорад, аксаран, хато намекунад. Мисолҳои журналисти шведӣ Эрик Фихтелиус аз таҷрибаи як шабакаи радиоӣ чанд мисол меорад, ки ба масъалаи риояи принсипи бетарафӣ дахл доранд ва дар аксар ҳолат қарори ниҳоии ахлоқӣ боиси роҳи ҳалли мусолиматомези масъалаҳои диллемавӣ будааст. Дар маҷмуъ, бетарафии касбӣ дар фаҳмиши мо, беғаразӣ, садоқат ба дигар принсипҳои касбӣ аст [8-М; 26-М].

14. Пайгириҳо нишон дод, ки этикаи журналистӣ омили муҳими муайянкунандаи ҳақиқатнигорӣ ва бетарафии касбӣ аст, чун дар баъзе ҳолат риояи принсипи касбӣ наметавонад журналистро аз маҳкумияти оммавӣ нигоҳ дорад. Доир ба меъёрҳои ахлоқии муқарраргардида низ чунин гуфтан мумкин аст, чунки бо тақозои шароит зарурати риоя нагардидани онҳо низ ба миён меояд, вале дар ин маврид хулосаи ахлоқӣ, виҷдон, ҳамият, фаросат ва маърифати инсон аҳамияти аввалиндараҷа касб мекунанд. Муҳиммияти ахлоқ низ дар он ифода меёбад, ки ба ҳайсияти инсонӣ такя мекунад. Мушаххасан, метавон ба натиҷае расид, ки дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои этикиву ҳуқуқӣ заминаҳои мушаххаси худро доранд, ки аз марҳилаҳои муайян иборат мебошанд ва чун ин меъёрҳо вобаста ба талаботи замон дигаргун мешаванд, боз ҳам дар такомул хоҳанд буд. Меъёрҳои ҳуқуқии журналистика ҳам дорои заминаҳои мушаххаси ташаккул буда, аз марҳилаҳои муайян иборат аст ва ин давраҳо бо махсусиятҳои худ хосияти ҷомеаро низ нишон дода,

фарогири ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти журналистӣ ва танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқии онҳо мебошанд [22-М; 26-М].

15. Баррасиҳо моро ба натиҷае овwarданд, ки дар пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистика нақши меъёрҳои этикӣ ниҳоят барҷаста мебошад ва шароити муосир ҳолатеро ба вуҷуд овардааст, ки фарқи чандон ҷиддие миёни меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба назар намерасад. Ба гунаи мисол, намунае, ки вобаста ба як банди «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» ва муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тазаккур ёфт, гувоҳи он аст, ки меъёрҳои ахлоқӣ моҳиятан дар ҳама муқаррароти қонунҳо мавқеи худро доранд ва сарчашмаи онҳо ба шумор меравaнд. Андешаҳои ҳуқуқшиносон низ баёнгари он аст, ки пайвандии бевоситаи меъёрҳои мазкур ҳамеша вуҷуд доштанд ва зикри тафовути ин меъёрҳо низ аз ҷониби муҳаққиқон нишони устувории меъёрҳои ахлоқӣ мебошанд. Ба натиҷае расидем, ҳар як меъёре, ки дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷой мегирад, асосҳои ахлоқӣ дорад, вале мо боз ҳам ба он мавқеъ ҳастем, ки ҷомеаи инсонӣ набояд ба он сатҳе расад, ки ҳама меъёрҳои ахлоқӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ мақом пайдо кунанд ва чун меъёри ахлоқ шинохта шаванд, зеро ахлоқ рамзи инсоният аст, ҳуқуқ бошад, расмият ва зарурат мебошад, ҳарчанд шароити муосири замон баъзан тақозо менамояд, ки меъёрҳои рафтору амал хислати расмӣ-қонунӣ пайдо кунанд [26-М; 27-М].

16. Вобаста ба вижагиҳои санадҳои ахлоқии идораҳои воситаҳои ахбори оммаи ҷудогона ба натиҷае расидем, ки аз вижагиҳои аслии санадҳои ахлоқии идораҳои алоҳидаи воситаҳои ахбори омма ин мушаххастар будани онҳост, зеро махсус ба кормандони ҳамон расона равона гардида, дар бандҳои алоҳида ва дар мавридҳои зарурӣ таъкид мегардад, ки меъёрҳои мазкур меҳвари фаъолияти корманди идораро ташкил медиҳанд. Аз нигоҳи мо, ин махсусият хеле аҳамиятнок аст, зеро санадҳои умумӣ танҳо ба касб ишора карда, ба таври умумӣ журналистро уҳдадор мекунанд, вале дар ин маврид масъулият дучанд мегардад, зеро ин ҷо хосияти касб ва уҳдадории бевосита ба ҳам меоянд. Махсусияти дигари чунин санадҳо ҷузъи муҳимми тартиботи дохилиидоравӣ будани онҳост, ки ба назари мо, ин ҷанбаи муҳим раванди татбиқи меъёрҳои ахлоқиро беҳтар мегардонад ва боиси сифатан беҳтар гардидани кори ҳамон расона мешавад. Чунин натиҷа ҳосил шуд, ки ҳамин омили муҳим – таъкиди зарурати риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ, ки аз марҳилаи умумӣ будан ба зинаи мушаххасӣ расидаанд, ин меъёрҳоро дар як сатҳ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ қарор медиҳанд, зеро баррасии ин аснод нишон дод, ки риояи онҳо аз

ҷониби кормандон ҳатмӣ аст. Вижагии дигари ин аснод босифаттар гардонидани матолиби расонаҳоест, ки онро қабул кардаанд; ҳамон ҳадафе, ки оҷонсии “Варорӯд” назди худ гузошта буд (кӯшиши байналмилалӣ сохтани доираи фаъолияти худ) аз аҳдофест, ки расидан ба он тавассути пазирой ва татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ имконпазир мегардад. Дар мисоли гурӯҳи расонаҳои “Азия-плюс”, ки санади он ҳам мавриди баррасӣ қарор гирифт, метавон ба натиҷае расид, ки дар муқоиса бо дигар расонаҳо матолиби ин гурӯҳ сатҳу сифати беҳтар дорад, чун ба арзишҳои касбию ахлоқӣ эҳтиром мегузорад ва риояи ҳатмии онҳоро аз кормандони худ низ тақозо мекунад. Санадҳои Би-Би-Си ва Рейтер низ далели ҳамин сухан ҳастанд, ки қабули санади алоҳидаи ахлоқӣ ба манфиати кор аст [4-М; 17-М].

17. Баррасии ин аснод моро ба хулосае овард, ки ҳарчанд таҷрибаи қабули санади марбут ба этикаи касбӣ дар ин расонаҳо нисбат ба собиқаи фаъолияти онҳо камтар аст, аммо ин чунин маъно надорад, ки то қабули санади алоҳида меъёрҳои ахлоқӣ барои ин расонаҳо дар меҳвари фаъолият қарор надошт, чун аз оинннома ва низомномаи дохилии онҳо бармеояд, ки меъёрҳои мазкур дар шаклҳои дигар вуҷуд доштанд. Тақозои замон ва боз ҳам муҳимтар гардидани меъёрҳои ахлоқӣ боиси он гардидааст, ки ин расонаҳо меъёрҳои ахлоқи касбиро дар шакли санади алоҳида қабул карда, барои ҳифзи манфиатҳои муассисаи худ ба раванди татбиқи онҳо низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд [1-М; 2-М; 15-М].

18. Дар мисоли матлаби ҳафтаномае, ки бо он ва вокунишҳояш муфассал муносибат кардем, ба натиҷае расидем, ки масъалаҳои ахлоқӣ масъалаҳои ҷузъӣ нестанд, бо онҳо сарсарӣ муносибат кардан мумкин нест, зеро онҳо аз масъалаҳои тақдирсоз ба шумор мераванд. Ба назари мо, дар мисоли ҳамин матлаб марзи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ муайян мешавад; онҳое, ки дар бораи ин матлаб изҳори назар кардаанд, иброз медоранд, ки дар ин маврид меъёрҳои ҳуқуқӣ чандон нақши назаррас надоранд, зеро инҷо ягон ҳуқувайронкунӣ нест, ҳеҷ кас аз лиҳози қонунӣ журналистро барои ин матлабаш ба ҷавобгарӣ намекашад, зеро ӯ гӯё вазифаи хабаррасонии худро иҷро намуда, аз як мушкили ҷомеа бонги изтироб задааст. Баррасии этика ва ҳуқуқ ҳамин лаҳзаи ҳассос ва тафовути куллиро нишон медиҳад, ки инъикоси як рӯйдод метавонад аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳеҷ мушкиле надошта бошад, аммо оқибатҳои ногувору ҳатто тасаввурнашавандаи ахлоқӣ дошта бошад, аз ин рӯ, ин муҳиммият ва нозукиҳо ҳангоми фаъолият бояд ҳамеша дар мадди назар бошад. Ин ҳам нишони алоқамандии

меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ аст, ки як матлаб метавонад аз лиҳози ахлоқӣ мушкиле надошта бошад, аммо оқибати ҳуқуқӣ дошта метавонад; ин ҳолатҳо хеле кам ба назар мерасанд, чун дар аксар ҳолат меъёрҳои мазкур ба ҳам алоқамандии бевосита дошта бошанд [12-М; 15-М].

19. Баррасии зуҳуроти деонтологӣ ҳамчун идомаи мантиқии алоқамандии меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ва ҳам зарурати таваҷҷуҳи хос дар замони муосир ба масъалаҳои марбут ба деонтология дар мисоли якчанд намунаи баҳсҳои судӣ бо рӯзноманигорон ба натиҷае расонид, ки дар аксар ҳолат журналистон ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва муқаррароти қонунҳои соҳавӣ таваҷҷуҳи бевосита зоҳир кардаанд; яъне, сатҳи риояи онҳо ба таври бояд ба роҳ монда шудааст. Инчунин, таҷрибаи Шурои воситаҳои ахбори омма низ давоми 15 соли фаъолият нишон медиҳад, ки таносуб миёни риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистикаи муосири тоҷик вуҷуд дорад. Дар ин баробар, ки чун дастовард today дониста мешавад, ин нуктаҳо ҳам маълум гардиданд, ки ҳануз ҳам дар ҷомеаи журналистӣ ба ташаккули маърифати ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ зарурат ҳаст; ҳарчанд дар мисолҳои мушаххас таваҷҷуҳи хоси онҳо ба меъёрҳо мушоҳида мешавад, вале дар матлабҳои алоҳида ҳолатҳои сарфи назар кардани меъёрҳои ахлоқӣ ба назар мерасанд [12-М].

20. Таҳқиқ ин нуктаи ҷолибро низ собит намуд, ки ҷомеаи журналистӣ дар ташаккули қонунгузории соҳавии худ ташаббусҳои дурусту созанда дорад ва умедворкунанда аст, ки дар аксар ҳолат аз ҷониби шохаи ҳокимият, ки марбут ба қабули қонун аст, ин пешниҳодҳо пазируфта шудаанд. Зуҳуроти як андоза навро дар журналистикаи тоҷик дар мисоли намунаҳои мушаххас ба баррасӣ гирифта, ба натиҷае расидем, ки зарурати таваҷҷуҳ ба масъалаҳои деонтологӣ дар журналистикаи тоҷик ба вуҷуд омадааст. Таҳлили ҷанбаҳои деонтологӣ ин воқеиятро бармало месозад, ки дар шароити муосир зарурати ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил ёфтани меъёрҳои ахлоқӣ бештар гардидааст; ин зарурат аз як ҷониб, агар аз нигоҳи ахлоқӣ нишони заволи ахлоқии ҷомеа бошад (чун дар як маврид ба чунин хулоса намудем ва инро аз нигоҳи худ дуруст мешуморем), аз тарафи дигар, нишони талаботи табии ҷомеа низ ҳаст [16-М; 17-М; 18-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Таҳқиқ маълум намуд, ки масъалаҳои ахлоқӣ дар ҳама давру

замон аз аҳамияти хосе бархӯрдор буданд, вале дар замони муосир аз муҳимтарин мавзуъҳои рӯз на танҳо барои журналистика, балки дар ҷомеа гардидаанд; рушди ҷомеаи иттилоотии муосир, ки имкони дастрасӣ ба иттилоъ ва сарчашмаи маълумот буданро барои аксарият ба вуҷуд овардааст, ин воқеиятро бармало месозад.

Ҳарчанд дар шароити муосир бо рушди босуръати техникаву технология имконияти рушди воситаҳои иттилоърасонӣ низ ба вуҷуд омадааст, аммо бо вуҷуди ин муҳиммияти меъёрҳои ахлоқӣ боқӣ мемонад. Баъзан афкоре мушоҳида мешавад, ба монанди он ки ахлоқи рӯзноманигорӣ дар шароити муосир чандон аҳамиятнок нест, зеро имрӯз расонаҳо моликияти шахсону ширкатҳои алоҳида ҳастанд ва барои манфиати онҳо амал менамоянд, аз ин рӯ, дар боби ахлоқ суҳбат кардан чандон мувофиқ нест. Аммо боз ҳам таҳлилу андешаҳои дигар ва ба назари мо, воқеияти замони муосир муҳимтарин нақши таъсиргузории расонаҳоро дар риояи меъёрҳои ахлоқӣ ба вуҷуд меоранд.

1. Ҳангоми баррасиҳо маълум гардид, ки озодии сухан ҳамчун мафҳуми меҳварии журналистикаи муосир ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар журналистикаи байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ мерасонад ва заминаю сарчашмаи онҳо ба шумор меравад, аз ин рӯ, зарурати таваҷҷуҳи боз ҳам бештар ба он барои истифодаи пурсамар вуҷуд дорад.

2. Имрӯз зарурати таваҷҷуҳи бештар ба ташаккули матбуоти мустақил дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои мутамаддин ба миён омадааст, зеро ҳолати расонаҳо ва таҳлили ҷанбаҳои ахлоқию ҳуқуқии фаъолияти онҳо нишон медиҳад, ки дар асоси як низоми мушаххас шакл гирифтану амал кардан бештар ба манфиати кор аст.

3. Фаъолияти созмонҳои касбӣ ва ташаккулу рушди онҳо чандон чашмрас нест, ҳол он ки тавре маълум гардид, ҷомеаи касбӣ ба як созмони ташаккулёфтаи тахассусии воқеӣ ниёз дорад.

4. Таваҷҷуҳи шахсиятҳои ҷомеаи журналистӣ ба ташаккули касбияти худ дар ҷомеа низ дар сатҳи бояд нест; ҷомеаи журналистӣ ба шахсиятҳое ба мисли Акбаралӣ Сатторов (раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар солҳои 2006-2015), ки ҳамчун шахси масъул ҳамеша дар фикри ҳифзи обрӯ ва шаъну шарафи касбу ҳамкасбон буд, эҳтиёҷманд аст (ин эътирофи худи ҷомеаи журналистӣ аст, ки гӯё Акбари Саттор бо рафтани худ журналистикаро низ ҳамроҳи худ бурд). Албатта, имрӯз низ Иттифоқи журналистон вуҷуд дорад, раис ва раёсати он ҳам дар доираи оиинномаи фаъолият

корҳоеро анҷом медиҳанд, аммо дар он сатҳе, ки ӯ барои ҳамраъйӣ, муттаҳидӣ, ҳифзи ҳамкасбон дар баҳсҳои мухталиф анҷом медод, нестанд. Инро мо дар асоси ҳамон эътирофи чанде аз рӯзноманигорони саршинос ва ҳам мушоҳидаҳо дар солҳои охир баён медорем.

5. Масъалаи муҳимми ахлоқии имрӯз тафовут нагузоштан миёни манфиатҳои шахсӣ (тиҷоратӣ) ва принсипҳои касбӣ мебошад, ки оқибат ба нестии онҳо меорад; маълум аст, ки дар шароити муосир ба роҳ мондани фаъолият хеле душвор мебошад, вале минбари касбиро ба майдони тиҷорати шахсӣ табдил додан ба эътибори касбӣ иснод меорад. Ҳарчанд таҷрибаҳои умедворкунандаи касбӣ дар мисоли як расонаи мустақил (Азия Plus), ки ҳамеша кӯшиши нигоҳдории асолати касбиро мекунад, вуҷуд дорад, вале ҳолатҳои нигаронкунандаи зикршуда ҳам ба назар мерасанд, ки набояд чунин бошад. Ҳолатҳои ба рукуд дучор гардидани матбуоти мустақили замоне фаъол ҳам маҳз бо ин сабаб бояд дарси ибрат бошад.

6. Бо назардошти вазъи замон, ки ба ҳолати тамоми соҳаҳо таъсири худро мерасонад ва дар доираи тақозои худ ба шаклгирии ҷузъҳои муҳимми онҳо мусоидат менамояд, муносибат намудан бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ зарурати касбӣ гардидааст. Заминаҳои пайдоишу ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ дар журналистика чун масъалаҳои муҳимми илмӣ-назариявӣ ва амалии фаъолияти журналистӣ боқӣ мемонанд ва аҳмиятнокии худро бештар нишон хоҳанд дод; ҳарчанд мавзуъ ва масъалаҳои ахлоқӣ дар журналистика собиқаи дерин доранд, дар марҳилаҳои гуногуни ташаккул ба онҳо дар шаклҳои мухталиф муносибат шудааст, аммо имрӯз ин воқеият аст, ки дар амалия сарфи назар намудани онҳо бар зарари кор аст.

7. Ба вуҷуд омадани асноди худтанзимкунии фаъолияти воситаҳои ахбори омма чун нишони муҳиммияти онҳо зуҳур кардааст, зеро масъалаи шинохти возеҳи ин аснод ба миён омада, то андозае ба шаклгирии онҳо мусоидат кардааст. Ҳамакнун зарурати риояи онҳо чун масъалаи муҳимми амалӣ ба амалан вуҷуд омадааст. Ба эътибор гирифтани таҷрибаи байналмилалӣ ҳамчун омили таъсиргузор барои ташаккули меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар журналистикаи тоҷик мусоидат кардааст, аз ин рӯ, ҳангоми фаъолият зарурати такя намудан ба онҳо ҳамеша вуҷуд дорад.

8. Шоистаи таъкид аст, ки махсусиятҳои миллӣ низ ҳамеша бояд дар мадди назар бошанд; яъне, дар такя ба таҷрибаи байналмилалӣ махсусиятҳои минтақавӣ ва миллии санадҳоро низ бояд ба эътибор

гирифт .

9. Дастовардҳои техникиву технологӣ ба пайдоиши зуҳуроти нав боис гардидаанд, ки муҳимтарини он ба вуҷуд омадани журналистикаи интернетӣ ва журналистикаи мултимедиавӣ мебошад. Ин падида ба табиати маъмулии мавҷудияти воситаҳои ахбори омма ва вазъи муносибатҳо бо меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ таъсир гузоштааст, ки дарки воқеии ин таъсир ба манфиати фаъолияти касбии журналистон аст. Меъёрҳои ҳуқуқӣ низ дар журналистикаи муосир дар баробари меъёрҳои ахлоқӣ аз муҳимтарин масъалаҳо ба шумор меравtotанд ва аз лиҳози расмӣ ҳатто муҳимтар аз меъёрҳои этикӣ дониста мешаванд. Шароити муосири замон ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ мусоидат карда, ҳамчунин, барои ба муҳокимаи умумии ҷомеаи журналистӣ гузошта шудани ин аснод имкон додааст. Аз ин ҳама имкониятҳо бо назардошти манфиатҳои касбӣ истифодаи дуруст мебояд.

10. Таҷрибаи байналмилалии аз ҷониби ширкатҳои алоҳида қабул намудани санади дохилии ахлоқӣ заминае барои ташкили чунин амал дар расонаҳои дохилӣ гардида, натиҷаи дилхоҳ додааст, аз ин рӯ, зарурати амал намудан аз рӯйи нишондоди онҳо талаботи рӯз аст.

11. Яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир пайдоиш ва рушди босуръати ҳуши маснуӣ ё худ зеҳни сунъӣ мебошад, ки ба тамоми соҳаҳо таъсири мушаххаси худро гузошта истодааст. Ин таъсир дар журналистика низ хеле назаррас аст. Муҳимтарин масъалаи ахлоқии умумӣ дар ин зимн истифодаи дурусту манфиатноки он аст. Дар журналистика ин муҳиммият боз ҳам бештар аст, зеро имкониятҳои технологии паҳни иттилоот хавфи пахши маълумоти дурӯғу таҳрифшударо бениҳоят зиёд гардонидааст; истифодаи ғаразнок аз зеҳни сунъӣ як хавфи дигар аст. Аз ин рӯ, дар чунин шароит риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ҳамчун муҳимтарин масъала зуҳур мекунад.

12. Як ташбеҳи мушовири илмии худро лозим ба зикр медонем, ки барои мо имкони пешниҳоди як тавсияи дигарро дод: замоне, ки автомобил вуҷуд надошт, зарурат ба таҳияи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, воситаҳои танзимкунӣ, мақомоти махсуси танзимгар набуд, ҳаракати нақлиёт ба таври бисёр сода, (шоистаи таъкид аст, ки маҳз тавассути ахлоқи умумии инсонӣ) танзим мешуд, аммо пайдоиш ва рушди босуръати саноати мошинсозӣ, ниҳоят маъмул гардидани он чунин шароитро ба вуҷуд овард, ки бояд ҳатман ва бо тарзу усулҳои хос, асосан дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим шавад. Ба ин монанд, дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ зарурати ба меъёрҳои ҳуқуқӣ

табдил додани қисме аз принсипҳои журналистӣ ва меъёрҳои ахлоқи шабакавӣ ба вуҷуд омадааст, зеро саводи расонаӣ яке аз масъалаҳои бисёр муҳим ва мубрами замони муосир ба шумор меравад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Монография:


[1-М] Рахимджонов, Х.У. Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике (монография) [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 176 с.

[2-М] Раҳимҷонов, Х.У. Меъёрҳои этикаи касбӣ дар журналистикаи тоҷик (монография) [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 184 с.


### II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:


[3-М] Раҳимҷонов, Х.У. Ташаккули меъёрҳои этикаи касбии журналистон дар пасманзари Ваҳдати миллӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 309-312.

[4-М] Раҳимҷонов, Х.У. Риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ – омили коста гардидани эътимод [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 308-311.

[5-М] Раҳимҷонов, Х.У. Влияние глобализации на этические ценности [Матн] / Х.Раҳимҷонов // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2018. – №4 (57). – С. 140-142

[6-М] Раҳимҷонов, Х.У. Сомонаҳо ва ҳассосиятҳои ахлоқи миллӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 285-290.

[7-М] Раҳимҷонов, Х.У. Ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар журналистикаи тоҷик [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №1(84). – С.136-139.

[8-М] Раҳимҷонов, Х.У. Нигоҳе ба вазъи риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар ВАО-и электронӣ [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Номаи

донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд. – 2020. – №1(62). – С. 137-140.
[9-М] Раҳимҷон, Х. Ҷанбаҳои ахлоқии имиҷсозиҳо дар воситаҳои ахбори омма [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. № 3(32). – С. 12-20.
[10-М] Раҳимҷон, Х. Этика ва қонун: марз, шинохт ва таҳлил [Матн] / Х.Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7. – С.278-285.
[11-М] Раҳимҷон, Х. Накди расонаӣ ва одоби баҳсҳои касбӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 250-256.
[12-М] Раҳимҷон, Х. Нигоҳе ба нозукиҳои касбӣ ва ахлоқии нишастҳои матбуотӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 246-254.
[13-М] Раҳимҷон, Х. Деонтологияи журналистика: моҳият, пайдоиш ва ташаккул [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 263-269.
[14-М] Раҳимҷон, Х. Нашрияҳои соҳавӣ: вазъият ва дурнамо (дидгоҳи маҷмуии ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ) [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С.376-383.
[15-М] Раҳимҷон, Х. Масъулияти ахлоқии журналист ва муборизаҳои иттилоотӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2024. – №4-2(37). – С. 238-243.
[16-М] Гулов, С., Раҳимҷон, Х. Меъёрҳои этикиву ҳуқуқии журналистика дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / С. Гулов, Х. Раҳимҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №3-1 (40). С. 198-203.

**III. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[17-М] Раҳимҷон, Х. Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи риояи меъёрҳои этикаи касбӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Асрори сухан (маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд, 2017. – С.187-191.
[18-М] Раҳимҷонов, Х.У. Несоблюдение этических норм – один из профессиональных проблем современной СМИ [Матн] / Х. Раҳимҷонов // ГЛОБУС (материалы Международная научно-практическая конференция «Достижения и проблемы современной науки»). – Санкт-Петербург, 2018. – С. 36-40.
[19-М] Rahimjonov Kh.U. The professional moral norms during the globalization of values [Матн] / Kh. Rahimjonov // «European multi science journal», Budaörs (Будапешт, Венгрия). – 2018. – №14. – С.23-25.
[20-М] Раҳимҷон, Х. Мулоҳизаҳо перомуни баъзе масъалаҳои ахлоқии ВАО-и муосир [Матн] / Х. Раҳимҷон // Дар моварои сухан (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2018. – С. 106-111.
[21-М] Раҳимҷонов, Х.У. Шикасти арзишҳо ва расонаҳо [Матн] / Х.У. Раҳимҷонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2019. – №4 (67). – С. 362-373.
[22-М] Раҳимҷон, Х. Вусъати эҳтиром ва ташаккули риояи меъёрҳои забони давлатӣ дар воситаҳои ахбори омма [Матн] / Х. Раҳимҷон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе. – 2022. – №4(80). – С. 206-214.
[23-М] Раҳимҷон, Х. Дар шинохти деонтологияи журналистика [Матн] / Х. Раҳимҷон // Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ / Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд, 2023. – С.167-171.
[24-М] Раҳимҷон, Х. Набардҳои иттилоотӣ ва масъулияти журналистӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Материалы Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Часть 2). – Душанбе, 2024. – С. 164-168.
[25-М] Раҳимҷон, Х. Ҷомеаи журналистӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ [Матн] / Х. Раҳимҷон // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо». – Бохтар, 2025. – С.479-483.
[26-М] Раҳимҷон, Х. Таносуби меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар воситаҳои ахбори омма [Матн]/ Х. Раҳимҷон // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи

«Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир». – Кӯлоб, 2025. – С. 152-155.
[27-М] Rahimjon, Kh., Olimiyon, S. The importance of national in the era of civilizational clashes [Text] / Kh. Rahimjon, S. Olimiyon, // American Journal of Education and Learninig. – New-York, 2025. – Volume 3. – P. 887-892.

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

*На правах рукописи*

УДК: 07:34+17 (575.3) (76.12:67+87.7 (2 Таджик))

**РАХИМДЖОН ХУШДИЛ**

# СТАНОВЛЕНИЕ ЭТИЧЕСКИХ И ПРАВОВЫХ НОРМ В ТАДЖИКСКОЙ ЖУРНАЛИСТИКЕ (ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ)

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание ученой степени доктора филологических наук
по специальности 6.2.22. Журналистика

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертация выполнена на кафедре телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета.

| | |
|---|---|
| **Научный консультант:** | **Садуллоев Джамшед Муллокомилович –** доктор филологических наук, профессор кафедры телеви-дения и радиовещания факултета журналистики Таджикского национального университета. |
| **Официальные оппоненты:** | **Афсахзод Аббоси Аълохон** – доктор филологических наук, доцент кафедры отечественной и международной журналистики факультета русской филологии, журналистики и медиатехнологий Межгосударственного образовательного учреждения высшего образования «Российско-Таджикский (славянский) университет»; |
| | **Саидмурод Ходжазод** – доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедры таджикского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни; |
| | **Хамидиён Илхомджон Иномзода** – доктор филологических наук, профессор кафедры языка и культуры Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. |
| **Ведущая организация:** | **Государственное образовательное учреждение «Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде».** |

Защита диссертации состоится «4» ноября 2026 года, в 13:00 на заседании диссертационного совета 6D.КОА-123 при Таджикском национальном университете (адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, e-mail: zbsh@list.ru; телефон: (+992) 907 30 70 35);

С диссертацией можно ознакомиться в центральной библиотеке Таджикского национального университета (734025, город Душанбе, проспект Рудаки, 17) и на сайте www.tnu.tj.

Автореферат разослан «___» ______________ 2026 года.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат филологических наук** **Зоириён Б.Ш.**

## ПЕРЕЧЕНЬ СОКРАЩЕНИЙ И (ИЛИ) УСЛОВНЫХ ОБОЗНАЧЕНИЙ

Би-Би-Си (BBC) – Британская вещательная корпорация (British Broadcasting Corporation)
ИАА– Информационно-аналитическое агентство
ИКТ – Информационно-коммуникационные технологии
МВД – Министерство внутренних дел
НАНСМИТ – Национальная ассоциация независимых средств массовой информации Таджикистана
РТ – Республика Таджикистан
СМИ – Средства массовой информации
СССР – Союз Советских Социалистических Республик
США – Соединенные Штаты Америки
УК РТ – Уголовный кодекс Республики Таджикистан

# ВВЕДЕНИЕ

В диссертационной работе исследуется состояние формирования этических и правовых норм в таджикской журналистике в период независимости.

**Актуальность темы исследования**. Роль этики в жизни человека чрезвычайно важна, так как она считается одним из основополагающих принципов бытия. Если человеческое существование имеет два основных столпа — материальный и духовный, то этика находится в ядре духовного бытия, придавая ему смысл. Именно поэтому проблема нравственности и осуждения аморального поведения всегда существовала на протяжении всего развития человечества, что свидетельствует о её необходимости и важности.

В современных условиях глобализации и информационного века, когда роль средств массовой информации усилилась, возникли новые условия доступа к информации, и в тоже время сама информация не знает границ. Важно отметить, что СМИ в свою очередь используется как могучая сила для достижения геополитических целей, и в любое время присутствует риск «информационного взрыва». В этих условиях вопрос соблюдения норм профессиональной этики становится особенно актуальным.

Условия рыночной экономики и переход права собственности на медиа организации к частным лицам ставят под вопрос истинную миссию и суть средств массовой информации. Рассмотрение этих проблем и их последствий находит отражение в дальнейшей деятельности творческих сотрудников СМИ.

В условиях демократического общества, где создание правового и светского государства является одной из важнейших целей, возникает вопрос о взаимодействии с элементами демократии — свободой слова и плюрализмом мнений. Ответственность за свободу слова, чтобы ею не злоупотребляли, доказывает важность норм профессиональной этики.

На эту важную проблему также обратили внимание, таджикские социологи напоминают, что одним из главных достижений в условиях современной бурной глобализации это сохранение этических источников, которые служат фундаментом государственной идеологии и народного единства. Исходя из этого, по мнению социологов призвания таджикской нации к своим этическим и традиционным ценностям и эти ценности не считается признаками

отсталостью или же примитивностью таджикского народа, наоборот считается фундаментальной основой, чтобы выжить в условиях обновляющегося мира для преодоления серьёзных угроз. Следовательно, опираясь на навыки мирного сообщество для того, что идти в ногу с демократическом обществом в нашей стране также проводятся попытки саморегулирования СМИ, что уже привели к ощутимым результатам. Этот процесс также заслуживает рассмотрения и исследования в современной журналистике.

Правовые нормы также являются вопросом, который в современных условиях деятельности СМИ очень важен. Изучение формирования этих вопросов — одна из важных проблем современной журналистики, поскольку появление совершенно новой системы кардинально изменило процесс отношений с деятельностью медиа. Если в предыдущей системе правовые вопросы в журналистике не имели большого значения, то в новой системе этот вопрос превратился в один из важнейших аспектов деятельности журналистов.

Хотя на первый взгляд, кажется, что этот вопрос имеет правовой характер, более пристальное внимание показывает, что в творческой и научной среде таджикской журналистики к правовым отраслевым нормам относятся по-разному, и роль журналистов в формировании таких документов — один из этих аспектов.

Кроме того, спорные вопросы между журналистами и государственными, общественными органами и отдельными лицами, которые не разрешаются в рамках переговоров, а переходят в судебные разбирательства, являются теми аспектами, которые также широко освещаются в СМИ. Существует необходимость рассмотрения и этого аспекта.

Ещё одной важной проблемой, которую стремится исследовать диссертация, является связь этических и правовых норм. Соотношение этических норм и правовыми, хотя и не является новым явлением, но с точки зрения современных отношений, специализированное понятие деонтологических явлений в журналистике является новым.

Другой аспект, который подтверждает актуальность темы исследования, — это принятие этических документов отдельными медиа организациями. То, что такие документы разрабатываются, предлагаются и принимаются журналистскими организациями, — это нормальный процесс, но, когда отдельные медиа сами разрабатывают внутренний документ, это вопрос, который требует рассмотрения.

Лидер нации Эмомали Рахмон подчеркнул: «Национальные интересы и стабильность общества требуют, чтобы отечественные средства массовой информации были не только мощным информационным аппаратом, но и служили в информационной борьбе и защите национальных интересов, в частности, безопасности государства и общества, поскольку, как следует из содержания и сущности законодательства страны о СМИ, обеспечение информационной безопасности является одним из главных направлений их деятельности».

На наш взгляд, выполнение этих важных задач связано с реалистичным подходом и соблюдением этических и правовых норм, поэтому этот аспект также доказывает актуальность темы.

**Степень изученности научной темы.** Изучение источников и литературы показывает, что данная тема в таджикской журналистике как объект исследования является новой, однако как один из важных компонентов журналистской деятельности она конкретно рассматривалась в трудах и статьях исследователей в этой области. В российской журналистике эта тема в определённой степени изучена, и существует несколько диссертаций и научных исследований. В частности, российские исследователи Е.П. Прохоров, В.В. Ворошилов, С.Г. Корконосенко, которые проводили исследования для укрепления теории журналистики, в своих работах в общем объяснили профессиональную этику как составную и важную часть журналистской деятельности. Учёные Р.Г. Бухарцев, В.А. Казакова, В.М. Теплюк, Д.С. Авраамов, Г.В. Лазутина, С.А. Муратов, М.И. Шостак в своих исследованиях конкретно определили научную сущность профессиональной этики журналиста.

Изучаемая тема является одной из актуальных проблем мировой журналистики. Впервые понятие «журналистская этика» было использовано в 1889 году американским исследователем Уильямом Самуэлом Лилли в одной из его научных статей. Исследователь Дикен-Гарсиа считал это началом перехода к новым журналистским стандартам [68, с.226].

Позднее, в 20-х годах XX века, в американской журналистике появились теоретические работы по профессиональной этике журналиста, такие как «Журналистская этика» Н. Коуфорда, «Этика газетной работы» В. Гиббонса, «Совесть в газетах» Л. Флинта. Эти исследователи высказывали примерно схожие идеи, уделяя основное внимание этическим вопросам, связанным с обращением с источниками информации, национальной безопасностью, свободой

слова, разрешением конфликтов, точностью данных, неприкосновенностью частной жизни и т. п. Среди них интересны идеи В. Гиббонса, который, хотя и пропагандировал идею свободной прессы и непредвзятого представления фактов, также, по сути, выразил содержание теории социальной ответственности [68, с.227].

Важным и фундаментальным трудом после этого периода стал «Четыре теории прессы» Ф. Сиберта, В. Шрамма и Т. Питерсона (1956), который был создан после заключения Комиссии Хатчинса и признания теории социальной ответственности (эта теория, по мнению исследователя Э. Ламбета, является важнейшим документом для СМИ в XX веке) [68, с. 227].

В 1974 году Джон Меррилл написал работу «Обязательные свободы», в которой пропагандировал свободолюбие и в некоторой степени выступал за либертарианскую теорию, однако в 1989 году в «Диалектике журналистики» он пришёл к выводу, что свобода и ответственность неразделимы, и необходимо «умеренное и осознанное использование журналистской свободы».

Исследователи Р. Каплар и П. Мэйнс признали принципы свободы при сборе информации и скептического отношения к работе правительства как часть классической либеральной теории.

В конце XX века выдающиеся исследователи в области журналистской этики — шведский учёный Леннарт Вейбулл и французский исследователь Клод Жан Бертран — также считали проблему ответственности журналистов первостепенной [68, с. 228].

По мнению исследователя А. Уайта, создание новых этических кодексов СМИ является частью процесса повышения профессионального мастерства, но этот процесс всегда связан с практическими потребностями и происходит под внешним давлением, побуждая журналистов к саморегулированию. Исследователь Д. Томас придерживается мнения, что совершенствование механизмов саморегулирования СМИ происходит в то время, когда журналисты, с одной стороны, хотят избежать правовых ограничений, а с другой — повысить свой профессиональный уровень. По мнению исследователя Д. МакКвейла, «особое внимание к этическим принципам журналистики часто возникает в кризисных условиях и в периоды исторических перемен в обществе (например, во время Первой и Второй мировых войн) или в условиях крупных преобразований в сфере СМИ (появление телевидения, монополия прессы, развитие новых технологий)» [68, с. 229].

В таджикской журналистике тема профессиональной этики

журналиста также актуальна. Почти все работы профессора И. Усманова содержат информацию о профессиональной этике. В частности, он подготовил учебное пособие «Одоби сухан» («Этика речи») [65], в котором подробно рассказал о сути, ценности, статусе и потенциале речи, о правильной и доброй речи, о красноречии, прямолинейности, видах речи, истории и исторической значимости речи, о лаконичности и умении ценить себя. Четвёртая часть работы профессора И. Усманова «Журналистика» [63] также является важным источником, поскольку она содержит перевод одного из фундаментальных трудов современной журналистики (который, по нашему мнению, более связан с этическими и правовыми основами журналистики) — «Четыре теории прессы» Ф. Сиберта, В. Шрамма и Т. Питерсона.

